Из приведенных сведений можно сделать вывод, что налоговые системы многих развивающихся государств так или иначе связаны с установлениями Авесты, точнее – с налоговой системой, сформировавшейся в лоне зороастрийской религии.

Если говорить о налоговом законодательстве современного Таджикистана регулирующем налоговые отношения, то она, как и правовые нормы Авесты, определяет организационные, правовые и экономические основы по установлению, изменению, отмене, исчислению и уплате налогов, выполнению налоговых обязательств и направлено на формирование, развитие и стимулирование хозяйственной деятельности.

Во времена Авесты налогами (податями) облагались только население, и самое главное это то, что люди должны были сами, по своей воле вносить подати в казну, что «перекликается» с некоторым положениями нынешней налоговой политики. Так, налоги носящие обязательный, безвозвратный и безвозмездный характер (ст.23 НК РТ), для некоторых смягчались, взимались на льготных условиях, что предусматривалось в ст. 32 НК РТ. Конечно, с развитием общества и государства изменялись и численность налогоплательщиков, и механизмы принципы и методы сбора налогов, и количество правовых норм, и тем не менее правовых норм Авесты. При всех этих изменениях налоговый период всегда имело место.

Например, налоговый период во времена Авесты составлял год, ст. 30 Налоговый кодекс Республики Таджикистан [2] тоже устанавливает такой срок, т.е. с 1 января до 31 декабря.

Но есть и отличия. Сегодня все налоги поступают в государственный бюджет, во времена же действия авестийских норм и позже (до советского периода) подати, налоги пошлины не шли в казну государства, а направлялись только в пользу религиозных учреждений, народа (добрых людей). Между тем современный таджикский ученый А.Г. Халиков и многие другие исследователи пишут о том, что: «налог в пользу государства в древних обществах Ирана и Турана все же имел место, и некоторые ученые – юристы и историки, даже перечисляют виды и формы этих налогов. Например, есть информация о существовании налогов «узбари», «патибаж» и десятина [8. 61-62]. «Патибаж» – это налог в натуре в пользу царя, об «узбари» нет точной информации». Что же касается «десятина»,

то она по мнению Б.Г. Гафурова, «собиралась с целью поддержания священного огня. О развитии разновидностей налогов и взимании пошлины на территории исторического Таджикистана свидетельствуют древние источники, персоязичных народов». Некоторые из таких источников юридического характера были обнаружены на территории современного Таджикистана. Также А.Г. Халиков в своих трудах отмечает, что: «на горе Муг, [5. 222] особого внимания заслуживает документ А.13. где речь идет о сборщике налогов и взимании 150 драхм годичной пошлины за пользование мостом».

Сходное налогообложение было и в Бухарском ханстве. Здесь давали знать о себе жестокое обращение и притеснение знати, введение требования о взимании налогов в денежной форме и усиление налогового бремени в условиях натурального хозяйства и ограниченного обмена. Все это вызывало недовольство населения. «Передают, что (правитель) Мир-Мурод по собственной инициативе увеличил размер «туксана» (ежегодной подати Каратегина, отправляемой в Бухару) с 60.000 таньга до 100.000 таньга. С развитием торговли крупные скотопромышленники Куляба и Гиссара начали пригонять свой скот на альпийские пастбища Каратегина, уплачивая в казну эмира «купрукона» (мостовую подать) и т.д.» [3. 111-112].

Существовали также различные неналоговые повинности по ремонту дорог, мостов, перевозке грузов и пр. От уплаты налогов освобождались местные государственные чиновники (раис, кази, муфти, арбоб и пр.) [10. 347-353].

В своих трудах Халиков А.Г. упоминает: «…документы правового характера явно свидетельствуют о том, что частное и публичное право таджиков доисламской эпохи – это есть продолжение той классической зороастрийской правовой системы, которая, начиная от обычаев и традиций арийцев, проходя легализацию в рамках зороастризма, адаптировалась в рамках трех великих империй Персии. До начала VIII в. здесь в более частном виде сохранялись принципы классической зороастрийской системы права, о чем мы подробно будем говорить в следующих главах».

**Список используемой литературы**

1. Всемирная история. Век железа. Древнейшие цивилизации Востока. –М.: АСТ; -Минск: Харвест, 1999. –760с; Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. –Душанбе. «Маориф ва фарҳанг», 2005. -С.145.

2. Закон Республики Таджикистан о принятие Налогового кодекса от 23. 12.2021 г. //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2021 г., №12, ч.1, ст. 681; 2022 г., №1-3, ст. 18; 2023 г., №1-3, ст.27.

3. Кисляков Н.А. Очерки истории Каратегина. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. –С.111.-112.

4. Мирза Бади'-диван Маджма'ал-аркам («предписания фиска»). (приемы документации в Бухаре XVIII в. – М.: Наука, 1981. –С.54; Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.). –Душанбе, 2011. –С. 44.

5. Согдийские документы с горы Муг //Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица. – М. 1962. Вып.2. – 222 с.

6. Суждения Духа разума. –С.82.

7. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. –Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2005. -С.145.

8. Халиков А.Г. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. –С. 61-62.
9. Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.). –Душанбе, 2011. – С. 17 –208 с.
10. Эшонкулов У. История земледельческой культуры горного Согда (с древнейших времен до начала XX в.). –Душанбе: Деваштич, 2007. –С.347-353.

## ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НИЗОМИ ҲУҚУҚ

**Табаров Неъмон Амонович -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru. Тел.: +992 907-97-65-12

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба низоми ҳуқуқ баррасӣ карда мешавад. Дар мақола пайдарпай масъалаҳои низоми ҳуқуқ асосан дар алоқамандӣ бо ҷараёни инкишофи тафовути соҳавии мавзӯи меъёрӣ-ҳуқуқии он баён гардидаанд. Дар мақола қайд карда мешавад, ки диққати ҳуқуқшиносон бештар ба тақсимоти соҳавии ҳуқуқ, ба равандҳои ташаккули соҳаҳои нави ҳуқуқ, ба муҳокима атрофи маҳакҳои чунин дараҷабандии ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

**Калидвожаҳо:** низоми ҳуқуқ, тақсимоти соҳавӣ, соҳаи ҳуқуқ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқи мурофиавӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ СИСТЕМЫ ПРАВА

**Табаров Неъмон Амонович -** Таджикский государственный финансово - экономический университет, к.ю.н., доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru. Тел.: +992 907-97-65-12

В статье рассматриваются вопросы, связанные с системой права. В статье последовательно излагаются вопросы системного строения права в основном в связи с динамикой отраслевой дифференциации его нормативно-правовой материи. В статье отмечается, что внимание ученых-юристов все больше приковано к отраслевому делению права, к процессам формирования новых отраслей права, к обсуждению критериев такой правовой классификации.

**Ключевые слова:** система права, отраслевое разделение, отрасль права, общественные отношения, материальное право, процессуальное право.

## ON SOME ISSUES OF THE LEGAL SYSTEM

**Tabarov Nemon Amonovich -** Tajik State University Finance and Economics, candidate of legal sciences, associate professor department of economic, financial and anti-corruption law. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru. Tel.: +992 907-97-65-12

The article examines issues related to the legal system. The article consistently presents issues of the systemic structure of law mainly in connection with the dynamics of the sectoral

differentiation of its normative and legal matter. The article notes that the attention of legal scholars is increasingly focused on the sectoral division of law, on the processes of formation of new branches of law, on the discussion of the criteria of such legal classification.

**Keywords:** legal system, sectoral division, branch of law, public relations, substantive law, procedural law.

Масъалаҳои таҳқиқоти муосири низоми ҳуқуқ бештар бо ҷараёни инкишофи соҳавии мавзӯи меъёрӣ-ҳуқуқии он робита дорад. Диққати олимони ҳуқуқшинос бештар ба муҳокима атрофи маҳакҳои чунин дараҷабандии ҳуқуқӣ ба монанди тақсимоти соҳавии он, ба равандҳои ташаккули соҳаҳои нави ҳуқуқ, нигаронида шудааст. Дар ҳуқуқшиносӣ нисбати тақсими низоми ҳуқуқ ба соҳаҳо ва институтҳо вобаста ба равишҳо, инчунин падидаҳои ҳамроҳкунандаи онҳо номувофиқатиҳои зиёде боқӣ мемонад.

Муаллифони муосир, майл доранд, ки ҳуқуқро маҳз ҳамчун низоми мураккаби муташаккил, ки ягонагии дохилан ҳамоҳангшудаи зернизомҳо ва унсурҳои якхеларо ифода мекунанд, баррасӣ кунанд. Дар як қатор ҳолатҳо мушобеҳкунии воқеии мафҳумҳои низом ва сохтори ҳуқуқ мушоҳида карда мешавад, ки дар он низом ҳамчун сохтори дохилии он маънидод карда шуда, чунин унсуру қисмҳои ба ҳам алоқамандро, ба монанди меъёрҳо, институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ дар бар мегирад. Муҳаққиқони алоҳида на танҳо ба тавсифҳои статикии таркиби низомию сохтории ҳуқуқ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, балки зарурати баррасӣ намудани параметрҳои динамикии онро низ ҷонибдорӣ мекунанд. Масалан, О.А. Бастрикина чунин хосиятҳои низоми ҳуқуқро, ба монанди якхелагӣ, ошкорой, нотамомӣ (серҳаракатӣ), тартибнокӣ, функсионалӣ ва диг. ҷудо мекунад[2, с. 18-19].

Д.Е. Петров дар бораи зарурати омӯзиши ташкилаҳои сохтории низоми ҳуқуқ дар динамикаи аз лиҳози категорияҳои «якҷоякунӣ» ва «тафриқакунӣ» дуруст баҳо дода, табиати қонунии робитаи диалектикии тамоюлҳои мазкурро дар тағйироти ҳуқуқ таъкид мекунад. Вай зарурати дар тасвири умуминазариявии низоми ҳуқуқи муосир иловатан ба назар гирифтани боз ду хосияти он - якҷоякунӣ ва тафриқакуниро[10, с. 12-13] асоснок карда, сохтори ҳуқуқро бо такя ба категорияҳои зикршуда таҳлил мекунад ва бо вуҷуди ин, диққати худро афзалиятан ба сохтори соҳавии он[10, с. 205-245; 11] равона мекунад, ки муҳимияти онро на танҳо рад кардан, балки баҳо додан душвор аст. Бо ваҷуди ин, ба ҳар ҳол бояд ба масъалаи кифоя будани истисноан чунин равиш барои пуррагӣ ва объективнокии моделсозии умуминазариявии сохтори низомии ҳуқуқи муосир фикр кардан лозим аст. Муҳаққиқон бо ҳиссаи муайяни муваффақият рушди самти мазкури таҳқиқоти илмиро идома медиҳанд, ки инро асарҳои хеле сершумори онҳо шаҳодат медиҳанд[4; 5 с. 10-14; 6, с. 176-181; 7; 12, с. 26-37].

Бо вуҷуди ин, асарҳои алоҳидае низ мавҷуданд, ки бевосита ба проблемаи моддию мурофиавӣ дар сохтори хуқуқ бахшида шудаанд. Ҳарчанд чунин асарҳо на он қадар зиёд бошанд ҳам, вале дар онҳо ба баъзе ҷанбаҳои хеле муҳими умуминазариявӣ ва соҳавии дарки дараҷабандии моддию мурофиавии ҳуқуқ диққат дода шудааст[1; 3; 8, с. 234-239; 9, с. 42-45; 13, с. 53-58; 14, с. 11-19.].

Ҷудокунии зернизомҳои моддӣ ва мурофиавӣ дар сохтори ҳуқуқ донишҳоро дар бораи алоқаҳои предметӣ дар доираи консепсияи соҳавии бунёди ҳуқуқ бо маълумоти назариявӣ дар бораи алоқаҳои функсионалии он дар ҷанбаи маҷмӯъҳои бузурги ҳуқуқии маводҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври органикӣ пурра мекунад, ки яке аз самтҳои аз ҳама

бештар ояндадори инкишофи минбаъдаи таълимоти умумиро дар бораи низом ва сохтори ҳуқуқ ташкил менамояд.

**Адабиёт**

1. Бабенко Н.А. Соотношение материальных и процессуальных норм в системе российского права: автореф. дис. ... канд. юрид наук: 12.00.01. - Челябинск, 2013. - 24 с.

2. Бастрыкина О.А. Системообразующие связи внутреннего содержания права: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01. - Волгоград, 2006. - 28 с.

3. Бессонов А.А. Процессуальные нормы российского права: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01. - Саратов, 2001. - 194 с.

4. Головина А.А. Критерии образования самостоятельных отраслей в системе российского права: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01. - М., 2012. - 34 с.

5. Головина А.А. К вопросу о понятии критериев отраслеобразования в системе российского права, их теоретическом и практическом значении // Право и государство: теория и практика. М., 2011. № 6 (78). С. 10-14.

6. Драхенберг Т.В. К вопросу о телеологическом критерии дифференциации системы российского права // Проблемы права. 2012. № 2. С. 176-181;

7. Курдюк Г.П. Отрасль права как элемент системы права (теоретико-правовое исследование): автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01. - Краснодар, 2004. - 26 с.

8. Макаров О.В. Новеллизация российского гражданского материального и процессуального права: основное содержание и результаты // Современные тенденции развития гражданского и гражданского процессуального законодательства и практики его применения. 2016. Т. 3. С. 234-239.

9. Марочкин С.Ю. Материальные и процессуальные вопросы применения норм международного права в судебной практике // Российский юридический журнал. 2003. № 1. С. 42-45.

10. Петров Д.Е. Дифференциация и интеграция структурных образований системы российского права; под ред. И.Н. Сенякина. - Саратов: Изд-во ФГБОУ ВПО «Саратовская государственная юридическая академия», 2015. - 472 с.

11. Петров Д.Е. Отрасль права; под ред. М.И. Байтина. - Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «Саратовская государственная академия права», 2004. - 192 с.

12. Попондопуло В.Ф. Проблемы единства и дифференциации российского права и законодательства // Российский юридический журнал. 2011. № 1 (76). С. 26-37.

13. Старилов Ю.Н. Российское административное право: к вопросу о соотношении материальных и процессуальных норм // Российский юридический журнал. 2003. № 1. С. 53-58.

14. Чеглаков К.В., Яковлев А.В. Процессуальные отрасли в системе современного российского права // Мир юридической наук. 2010. № 3 (март). С. 11-19.

## СОЦИАЛЬНО - ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

**Муллоев Парвиз Негматджанович** - Таджикский Государственный финансово-экономический университет. к.э.н. ст. преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Email: mulloevpn@gmail.com. Тел: + 992 907.93.98.39

В статье рассматривается социально-экономическое значение малого и среднего предпринимательства. Подчеркивается, что малое и среднее предпринимательство являются важнейшими субъектами рыночной экономики, поскольку во многом определяют темпы экономического роста и структуру ВВП.

**Ключевые слова:** малое и среднее предпринимательство, внутренне валовый продукт, развитие, основные характеристики, значение.

## АҲАМИЯТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА

**Муллоев Парвиз Негматҷонович** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. н.и.и. м. калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. к. Нахимов 64/14. Email: mulloevpn@gmail.com. Тел: + 992 907.93.98.39

Мақола аҳамияти иҷтимоию иқтисодии соҳибкории хурд ва миёнаро баррасӣ мекунад. Таъкид мешавад, ки соҳибкории хурду миёна субъектҳои муҳимтарини иқтисоди бозорӣ мебошанд, зеро онҳо бештар суръати рушди иқтисодӣ ва сохтори ММД-ро муайян мекунанд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории хурду миёна, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушд, хусусиятҳои асосӣ, аҳамият.

## SOCIAL AND ECONOMIC IMPORTANCE OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES

**Mulloev Parviz Negmatjanovich -** Tajik State University of Finance and Economics. candidate of economic sciences, s. lector. at Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Email: mulloevpn@gmail.com. Tel: + 992 907.93.98.39

The article deals with the socio-economic importance of small and medium-sized entrepreneurship. It is emphasized that small and medium entrepreneurship are the most important subjects of market economy, as they largely determine the rate of economic growth and the structure of GDP.

**Key words:** small and medium-sized entrepreneurship, gross domestic product, development, main characteristics, significance.

Малое и среднее предпринимательство способствует поддержанию конкурентной среды, обеспечивает население товарами и услугами. Сектор малого и среднего предпринимательства важен, прежде всего, потому, что он во многом замещает государство в решении сложных социально -экономических задач, а именно при создании новых рабочих мест, формировании среднего класса, являющего одним из основных факторов стабильности экономики государства и значительных источников для пополнения государственного бюджета.

Основными характеристиками малого и среднего предпринимательства являются:

1) юридическая независимость;

2) управление предприятием собственником капитала или партнерами-собственниками с целью получения предпринимательского дохода;

3) небольшие размеры по основным показателям деятельности субъекта хозяйствования: уставный капитал, величина активов, объем оборота (прибыли, дохода);

4) небольшая численность персонала.

5) быстрая реакция на требования рынка;

6) возможность мобилизации ресурсов на перспективных направлениях.

Согласно отчетам Всемирного банка, сектор малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан вносит 15–18% в ВВП страны.[2] Это является относительно низким показателем даже по сравнению с соседними государствами. К примеру, доля малого и среднего предпринимательства в структуре ВВП в Казахстане - 38%,[3] в Узбекистане удельный вес малого предпринимательства в ВВП республики составляет более 50%,[1] в Киргизстане 40%.[4] В развитых странах ЕС, в КНР, Малайзии, Сингапуре и США малое и среднее предпринимательство производит от 50 до 70% ВВП. [5,16]

Переоценить социально - экономическое значение малого и среднего предпринимательства в развитии государства не возможно. Они являются важнейшими субъектами рыночной экономики, поскольку во многом определяют темпы экономического роста и структуру ВВП. К примеру, показатели среднего предпринимательства в стране особенно ярко говорят о том, насколько страна благоприятна для создания предприятий, которые могли бы обеспечить работой большее количество населения и решить проблемы с безработицей и трудовой миграцией. Если малое предпринимательство в основном несет на себе, как правило, функции обслуживания, то среднее предпринимательство занимает промежуточное положение, связывая между собой крупный бизнес, малые предприятия и потребителя. В целом, в сфере среднего бизнеса задействовано подавляющее количество работоспособного населения, а, следовательно, именно они определяют социальное благосостояние общества.

**Рисунок 1. - Социально-экономические функции малого и среднего предпринимательства**

| Социальные функции МСП | Экономические функции МСП |
|---|---|
| Создание рабочих мест - Являются основным источником занятости, особенно в регионах, где крупные предприятия представлены слабо. Помогает сократить трудовую миграцию, предоставляя альтернативу работе за рубежом. | Экономическое развитие - Способствуют росту ВВП и налоговых поступлений в бюджет. Повышают экономическую устойчивость и конкурентоспособность экономики |
| Повышение уровня жизни населения - Доступные товары и услуги: малое предпринимательство часто ориентированы на локальные потребности, делая продукты и услуги доступными | Инновации и технологии - Являются источником инновационных решений и технологий. Более гибкие и склонны к экспериментам, чем крупные компании. |

| | |
|---|---|
| Развитие регионов и снижение неравенства - Стимулируют экономику малых городов и сел, препятствуя их деградации. Снижает дисбаланс между центром и остальными регионами. | Гибкость и адаптивность - Быстро адаптируются к изменениям на рынке. Могут оперативно реагировать на спрос и предпочтения потребителей. |
| Социальная адаптация и инклюзия - Трудоустройство людей с ограниченными возможностями, женщин, молодежи. Поддержка репатриантов (возвращающихся трудовых мигрантов) через программы микрокредитования. | Конкуренция - Стимулируют развитие конкурентной среды. Ослабление монополий крупных игроков (особенно в торговле и сфере услуг). Способствуют улучшению качества товаров и услуг. |
| Гибкость в кризисы - Быстрее адаптируется к изменениям (например, во время пандемии COVID-19 многие перешли на онлайн-торговлю). | Экспортный потенциал - Повышают экспортную активность страны за счёт ниши и уникальных предложений. |

Источник: Составлено автором

Динамическое развитие предпринимательского сектора для стабилизации экономики страны очень важно. Если субъектам малого и среднего предпринимательства будет уделено должное внимание, если и дальше укреплять взаимоотношения государства с малым бизнесом, то мы сможем не только укрепить нашу экономику, но и выйти на новый уровень развития и построить новую модель экономики, которая позволит нашему государству стать более конкурентоспособной. Кроме того, такая модель будет способствовать созданию новых рабочих мест, увеличению инновационного потенциала и снижению зависимости от сырьевого сектора. Поддержка малого и среднего предпринимательства - это инвестиции в устойчивое будущее, где предприниматели становятся драйверами технологического прогресса и социального благополучия.

В целом учитывая важность развития малого и среднего предпринимательства, в частности, в обеспечении занятости населения, увеличении валового внутреннего продукта и роста налоговой базы, в сегодняшних реалиях необходимо создавать более благоприятные условия для его развития которые требуют комплексного решения и следующих задач:

- усиление роли местных органов власти в координации деятельности всех структур поддержки малого и среднего бизнеса;

- большая активация процессов разработки, принятия и реализации региональных программ поддержки малого и среднего бизнеса;

- обеспечение малого и среднего бизнеса финансовой поддержкой, адекватной его потребностям и по доступности, и по объему, и по срокам;

- активное совершенствование действующего законодательства по регулированию деятельности малого и среднего бизнеса;

- усиление информационно-консультативной поддержки малого и среднего бизнеса на всех уровнях власти.

Важно также развивать цифровизацию бизнес-процессов, упрощать административные барьеры и обеспечивать доступ к финансированию, особенно в регионах. Это позволит раскрыть предпринимательский потенциал по всей стране, обеспечив сбалансированный экономический рост. В долгосрочной перспективе такая политика приведет к формированию гибкой, адаптивной экономики, способной эффективно реагировать на глобальные вызовы и укреплять позиции государства на международной арене.

**Литература**


1. Доля МСП в ВВП Узбекистана. [Электронный ресурс]: Режим доступа. https://www.uzdaily.uz/ru/post/83432/?utm_source=chatgpt.com

2. Исследования Азиатского банка развития (ADB) – Tajikistan Economic Outlook" (2023) [Электронный ресурс]: Режим доступа. https://www.adb.org

3. Казинформ [Электронный ресурс]: Режим доступа. https://www.inform.kz/ru/dolya-malogo-i-srednego-predprinimatelstva-v-vvp-kazahstana-dostigla-382-e2905e?utm_source=chatgpt.com

4. Малый и средний бизнес обеспечил 40.5% от ВВП в 2023 году. [Электронный ресурс]: Режим доступа. https://www.akchabar.kg/news/malij-i-srednij-biznes-obespechil-405-ot-vvp-v-2023-godu-xzppddcuaihpurar

5. Нурмухаметов, А. В. Актуальные вопросы экономических наук: материалы III Междунар. науч. конф. -Т.0. - Уфа: 2014. - С. 16-19.


## ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ГУЗАРОНИДАНИ ҶАШНУ МАРОСИМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: m.subhon-85@mail.ru. Телефон: (+992) 934445553

**Эраҷи Маҳмад** - ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Авродова Дилором Лочинбековна** - магистранти курси 1, ихтисоси 240103 – ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон



Мақолаи мазкур ба ҷанбаҳои ҳуқуқии гузаронидани ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллифон аҳамияти қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Муҳаққиқон риояи меъёрҳои қонуни мазкурро асоси баланд гардидани маърифати молиявӣ дар оила, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, истисно намудани маросими хусусияти хурофотӣ барои фарҳанги мо бегона, баланд гардидани маърифату маданияти гузаронидани маъракаҳо, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ арзёбӣ менамоянд.



**Калидвожаҳо:** Конститутсия, қонун, маърифати ҳуқуқӣ, ҷашну маросим, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, танзим, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

# ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ПРОВЕДЕНИЯ ТОРЖЕСТВ И ОБРЯДОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Мирзоев Субхонали Ахтамджонович -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, к.ю.н., доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: m.subhon-85@mail.ru. Телефон: (+992) 934445553

**Эраджи Махмад -** ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета.

**Авродова Дилором Лочинбековна -** магистрант 1 курса специальности 240103 – экономическое право Таджикского государственного финансово-экономического университета

Данная статья посвящена правовым аспектам проведения торжеств и **обрядов** в Республике Таджикистан. Авторами проанализировано важность и значение принятия Закона Республики Таджикистан **«Об упорядочении торжеств и обрядов в Республике Таджикистан».** Исследователи оценивают соблюдение норм этого закона как основу повышения финансового просвещения в семье, повышения уровня жизни населения, исключения чуждых нашей культуре суеверных церемоний, повышения просвещения и культуры проведения мероприятий, защиты ценностей национальной культуры и уважения народных традиций.

**Ключевые слова**: Конституция, закон, правовое просвещение, **торжеств и обрядов,** экономическая, социальная, культурная, регулирование, правонарушение, административная ответственность, уголовная ответственность.

# LEGAL ASPECTS OF CONDUCTING CELEBRATIONS AND CEREMONIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mirzoev Subhonali Akhtamdzhonovich** - Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law. Address 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: m.subhon-85@mail.ru. Phone: (+992) 934445553

**Eraji Mahmad -** assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Faculty of Management and Economic Law of the Tajik State University of Finance and Economics

**Avrodova Dilorom Lochinbekovna -** 1st year master's student, specialty 240103 - economic law, Tajik State University of Finance and Economics

This article is devoted to the legal aspects of holding celebrations and ceremonies in the Republic of Tajikistan. The authors analyzed the importance of adopting the Law of the Republic of Tajikistan “On the regulation of celebrations and rituals in the Republic of Tajikistan.” Researchers assess compliance with the norms of this law as the basis for increasing financial education in the family, raising the standard of living of the population, eliminating superstitious ceremonies alien to our culture, improving education and culture of events, protecting the values of national culture and respect for folk traditions.

**Key words:** Constitution, law, legal education, celebrations and rituals, economic, social, cultural, regulation, offense, administrative liability, criminal liability.

Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 1-и Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Бо мақсади амали шудани муқаррароти меъёри мазкури конститутсионӣ аз ҷониби давлат барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, фароҳам овардани шароити арзандаи ҳаёти шаҳрвандон ва ба инҳо монанд тамоми тадбирҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ мегарданд.

Аз ин лиҳоз роҳандози гардидан ва сабаби қабули қонуни ҷашну маросим дар ҶТ аз оғоз, яъне аз соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари давлат ба ҳисоб меравад. Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар ин замина рушди қонунгузории миллӣ догма нестанд, яъне дар ҳолати шахшуда қарор наронанд вале дар ҳолати рушд қарор мегиранд, ки ин тақозои замон аст.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9-уми марти соли 2024 қайд намуданд, ки "бо дарназардошти таҷрибаи ҷойдоштаи самти мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таҳрири нави ҷавобгӯ ба талаботи замон қабул карда шавад". Дар ин замина, лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими ҷашну маросим ва баҳри беҳтар гардидани шароити иҷтимоӣ ва вазъи молиявии оилавии шаҳрвандон таҳти унвони Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия шуда, аз 20 июни соли 2024, №2048 дар таҳрири нав қабул гардид.

Сохтори дохилӣ ва таҷдиди меъёрҳои қонуни мазкур аз қонуни қаблӣ фарқияти куллӣ дошта, аз 6 боб ва 22 модда иборат мебошад, яъне нисбат ба Қонуни соли 2007 1 боб ва 6 моддаи нав илова карда шудааст [4, с. 148].

Бинобар сабабе, ки мафҳумҳои «анъана» ва «маросим» як маъноро ифода мекунанд, қонунгузор онҳоро дар доираи як мафҳум, яъне «маросим» ифода карда, калимаи «анъана»-ро аз матни Қонуни нав хориҷ кардааст.

Ҷиҳати риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва роҳ надодан ба вайронкунии талаботи он моро зарур аст, ки ҳадди ақал тағйиротҳоеро, ки барои мо муҳимманд ва дар қиёси қонунҳои қаблӣ ворид гардидаанд, бояд донем ва аз онҳо бохабар бошем.

Аз ҷумла ба қонуни нави кишвар "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст:

1. Дар рӯзҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон дастархони камхарҷи идона ороста шуда, исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва тухфаҳои дигар (идгардак) манъ карда шудааст (қ.2, м. 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон").

2. Моддаи 11 Қонун «Хатнасур ва маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак» ном гирифта, тибқи қисми 3, моддаи мазкур хатна бо розигии падару модар дар давоми як моҳи баъди таваллуди писар дар муассисаҳои тиббии дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба тарзи ройгон гузаронда мешавад.

3. Моддаи 14-и қонун маросими дафну азодориро муқаррар намуда ва мутобиқи қисми 1-и моддаи мазкур ҷаноза бе маҳдудияти шумораи иштироккунандагон сурат мегирад. Аммо тибқи қисми 2-и моддаи зикршуда маросими се, чил ва сол бе забҳи чорво ва додани таом гузаронда мешаванд.

4. Моддаи 13-и қонун ба маросими ҳаҷ ва умра бахшида шуда тибқи муқаррароти моддаи мазкур маъракаҳои гуселу пешвоз вобаста ба адои ҳаҷ ва ё умра дар доираи оила гузаронда мешаванд.

Ташкили маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон, ҳоҷиошӣ ва маъракаҳои дигар, инчунин тақсими тӯҳфаҳо, идона оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ва ё умра манъ аст (қ. 2, м. 13-и қонун).

Ҳоҷиён ва умракунандагон ба ҷойи маъракаҳои дар қисми 2 моддаи мазкур манъшуда метавонанд корҳои хайриявию эҳсонкорӣ, аз ҷумла таъмири роҳ, кашидани хатти об, сохтмон ва ё таъмири иншооти иҷтимоӣ ва пулҳоро анҷом диҳанд (қ. 3, м. 13-и қонун).

5. Тибқи муқаррароти қисми 2-и моддаи 20 қонун аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, амният, корҳои дохилӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, андоз ва гумрук, кормандони мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, аъзои комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим, хизматчиёни давлатӣ, шахсони мансабдори дигари давлатӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби онҳо ё фарзандонашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мансаб озод карда мешаванд.

Воқеан иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин васила қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ” дар самтҳои зерин нақши муҳиму барҷаста гузоштааст ва дар оянда боз ҳам бештар хоҳад гузошт:

- Ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи зуҳуроти бегонапарастиву тақлид, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравӣ;
- Ба эътидол овардани адолати иҷтимоӣ миёни шахсони сарватманд ва камбизоат ҳангоми маъракаоройӣ ва азодорӣ;
- Муаррифӣ гардидани арзишҳои волои фарҳангу тамаддуни бою қадимаи миллати тоҷик ба ҷаҳониён;
- Кам вайрон гардидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, ҳуқуқвайронкуниву авбошӣ дар ҷашну маъракаҳо, аз байн рафтани садамаҳои нақлиётӣ ҳангоми ҳаракати мошинҳои арӯсу домод;
- Баланд гардидани маърифату маданияти гузаронидани маъракаҳо;
- Беҳтар шудани вазъи молиявии хонаводаҳо, то андозае кам гардидани одати гирифтани қарз барои баргузории маросиму маъракаҳо ва зиёд гардидани пасандози аҳолӣ дар бонкҳо;
- Ба ҳукми анъана даромадани эҳсонкорӣ ва баргузории маъракаҳои хайриявӣ;

➢ Боз ҳам устувор гардонидани пояҳои давлатдории миллӣ, эҳё ва ба фазои фарҳангӣ ворид гардидани ҷашнҳои бостонӣ, ба монанди Иди байналмилалии Наврӯз, Иди Меҳргон, Иди Сада;

➢ Ба низом даровардани суннатҳои диниву мардумӣ ва мушаххасу дақиқ намудани анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истисно намудани маросими хусусияти хурофотӣ барои фарҳанги мо бегона;

➢ Ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ.

**Бо мақсади эҳтиром гузоштан ва риояи ҳолатҳои зикршуда дар моддаи 18-и қонун ӯҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузарондани ҷашну маросим ба таври зайл оварда шудаанд:**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд ҷашну маросимро бо риояи талаботи Қонуни мазкур баргузор карда, комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросимро доир ба барпосозии тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ хабардор намоянд.

2. Оростани зиёфат ба муносибати таъин шудан ба мансаби давлатӣ, гирифтани мукофоти давлатӣ, рутба, унвон, ҷоиза, мукофоти дигар, дараҷа ва унвонҳои илмию тахассусӣ манъ аст.

3. Дар ҷашну маъракa пошидан ва часпондани пул манъ аст.

4. Сархатибон, имомхатибон, имомҳои масҷидҳои панҷвақта, ходимони ғайрирасмии динӣ, раисони маҳаллаҳо ва роҳбарони мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ барои риояи талаботи Қонуни мазкур дар ҳудуди деҳаю маҳалли истиқомат ва ё фаъолият масъулият доранд.

5. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд рукнҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ ва пӯшидани либосҳои миллиро риоя намоянд. Воридот, фурӯш, тарғиби либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, инчунин дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани чунин либосҳо манъ мебошанд.

Хотирнишон бояд намуд, ки барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур ва хосатан иҷро нагардидани ӯҳдадориҳое, ки қонуни зикршуда муқаррар намудааст, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

Аз ҷумла дар иртибот ба ин дар Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 481) ҷазо пурзӯр ва дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи $334^2$) ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, барои вайрон намудани талаботи Қонун бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ҷавобгариҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар нуҳ моҳи соли 2024 дар ҳудуди ҷумҳурӣ вобаста ба риоя нагардидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1142 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 642 ҳолат зиёд мебошад [5, санаи муроҷиат: 28.03.2025].

**Хулоса.** Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ” марому мақсад ва орзуву омоли чандинсолаи шаҳрвандонро дар худ касб намудааст, зеро барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, устувор нигоҳ доштани

маърифати молиявӣ дар оила ва таъмини зиндагии ободу осуда ва саодати халқ равона гардидааст. Аз ин лиҳоз риояи меъёрҳои қонуни мазкур боиси баланд гардидани маърифати молиявӣ дар оила, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, истисно намудани маросими хусусияти хурофотӣ барои фарҳанги мо бегона, баланд гардидани маърифату маданияти гузаронидани маъракаҳо, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
2. Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни соли 2007.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июни соли 2024, № 2048.
4. Мирзоев С.А. Эраҷи М. Авродова Д.Л. // Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (21 феврали соли 2025). – Душанбе: 2025. С. 148.
5. Шаҳлои Садриддин, АМИТ «Ховар» // Дар Тоҷикистон дар 9 моҳ 1142 ҳолати қонуншиканӣ вобаста ба вайрон намудани қонуни танзим сабт шудааст [Манбаи электронӣ] – URL: **https://khovar.tj/2024/11/dar-to-ikiston-dar-9-mo-** (санаи муроҷиат: 28.03.2025).


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНОСУБИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ БО ДИГАР ШАРТНОМАҲО ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯ


**Дустов Сулаймоншо Абдуллоевич -** Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail slaimon.86@bk.ru Тел: (+992) 918282148



Мақолаи мазкур ба масъалаҳои ҳуқуқии таносуби шартномаи сармоягузории шарикӣ бо дигар шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола баъзе масъалаҳои табиати ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикиро таҳлил намуда, ҳамбастагии онро бо дигар шартномаҳо ва иттиҳодияҳои шарикӣ муқоиса намудааст. Дар мақола қайд карда шудааст, ки аз нигоҳи сохторӣ таркиби шартномаи сармоягузории шарикӣ аз ширкати одӣ ва ширкати ба боварӣ асосёфта ташкил ёфтааст.



**Калидвожаҳо**: Таносуб, Шартномаи сармоягузории шарикӣ, Шартномаи ширкати одӣ, Шартномаи таъсис, Ширкати ба боварӣ асосёфта, Фаъолияти якҷоя, Идоракунӣ, Сармоягузорон, Мӯҳлат.


## НЕКОТОРЫЕ ЮРИДИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ, СВЯЗАННЫЕ С ДОГОВОР ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВО С ДРУГИМИ ДОГОВОРАМИ О СОВМЕСТНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


**Дустов Сулаймоншо Абдуллоевич**-старший преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного университета финансов и экономики, соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республика Таджикистан. E-mail slaimon.86@bk.ru Тел: (+992) 918282148

Данная статья посвящена правовым вопросам соотношения договор инвестиционного товарищество с другими договорами о совместной деятельности. В статье автор проанализировал некоторые вопросы правового характера договор инвестиционного товарищество и сравнил его взаимосвязь с другими партнерскими договорами и объединениями. В статье отмечается, что структурно состав договор инвестиционного товарищество состоит из простой товарищество и трастовой товарищество.

**Ключевые слова:** коэффициент, инвестиционный договор инвестиционного товарищество, договор прастого товарищества, учредительный договор, трастовая компания, совместная деятельность, управление, инвесторы, срок.

## SOME LEGAL ISSUES RELATED TO THE INVESTMENT PARTNERSHIP AGREEMENT WITH OTHER JOINT ACTIVITY AGREEMENTS

**Dustov Sulaimonsho Abdulloevich**- senior Lecturer of the department of economic, financial and anticorruption lav of the Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the National center for legislation under the President of the Republic of Tajicistan. E-mail slaimon.86@bk.ru Тел: (+992) 918282148

This article is devoted to legal issues of the relationship between the investment partnership agreement and other joint activity agreements. In the article, the author analyzed some legal issues of the investment partnership agreement and compared its relationship with other partnership agreements and associations. The article notes that the structural composition of the investment partnership agreement consists of a simple partnership and a trust company.

**Keywords:** coefficient, investment partnership agreement, simple partnership agreement, constituent agreement, trust company, joint activity, management, investors, term.

Дар адабиёти ҳуқуқии муосир доир ба намунаҳои нави шартномаҳо оид ба фаъолияти шарикӣ фикру мулоҳизаҳои зиёд вуҷуд дорад ва шартномаи сармоягузории шарикӣ низ яке аз ин шартномаҳо ба шумор меравад. Шартномаи сармоягузории шарикӣ ин созиши ду ё бештар сармоягузорон, мебошад, ки саҳмҳои худро якҷоя намуда, бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти муштараки сармоягузориро баҳри ба даст овардани фоида амалӣ мегардонанд»[10, с. 47].

Аз мафҳуми шартномаи сармоягузории шарикӣ чунин бар меояд, ки он ба доираи шартномаҳо дар соҳаи соҳибкорӣ мансуб буда, шарикон фаъолияти худро дар доираи он ҳамчун ширкати одӣ ташкил менамоянд.

Барои ба вуҷуд овардани чунин иттиҳоди шартномавӣ ва бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ созиши ду ё якчанд сармоягузорон зарур мебошад. Барои муттаҳид шудан дар асоси шартномаи сармоягузории шаркӣ, таъсиси шахси ҳуқуқӣ зарурат надорад. Шартномаи мазкур барои пешбурди фаъолияти сармоягузории дастаҷамъӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ҳадаф аз татбиқи ин шартнома фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёт ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои ишорагардида баъзе аз муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи маданӣ шартномаи сармоягузории шарикиро ба шартномаи ширкати одӣ шабоҳат медиҳанд. Масалан аз назари А.И. Фридман «...аксарияти аломатҳое, ки ба шартномаи

ширкати одӣ хос мебошанд, ба шартномаи сармоягузории шарикӣ низ таалуқ доранд»[1, с.121]. Ин хусусиятҳо иборатанд аз: дуҷониба ва бисёрҷониба будани шартномаи сармоягузории шаркӣ; муттаҳидии шарикон, ки таъсиси шахси ҳуқуқиро талаб наменамояд; шарикон амалеро анҷом медиҳанд, ки бо ин мақсад муттаҳид шудаанд; мақсад бояд барои ҳамаи шарикон умумӣ бошад; шартнома дорои хусусияти фидутсиарӣ (эътимоднокӣ) мебошад[2, с. 12]. Ба ин хусусиятҳо ҳамзамон фаъолияти якҷояи шарикон, саҳм гузоштан ба кори умумӣ, мақсади ягона доштани шарикон, ба даст овардани фоида аз фаъолияти сармоягузорӣ ва ғ. дохил мешаванд.

Гурӯҳи дигари олимон, Аз Ҷумла Е. Г. Афанасьева, В. Ю. Башкинскас, Е. П. Губин, А. А. Кирилловых, шартномаи сармоягузории шарикиро ҳамчун яке аз намудҳои шартномаҳо дар бораи фаъолияти якҷоя арзёбӣ мекунанд[2 с. 12]. В.В. Коновалов бошад ба он назар аст, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ аз руи табиати ҳуқуқӣ ҳамчун шакли миёна байни шартномаи ширкати оддӣ ва ширкати ба боварӣ асосёфта мебошад[6, с. 25]. Ин муҳаққиқон ақидаҳои худро бо меъёри банди 3, моддаи 1041-уми Кодекси граждании Федератсияи Россия, ки шартномаи сармоягузории шарикиро ҳамчун шартномаи ширкати одӣ муқаррар намудааст асоснок менамоянд. Аз назари Е .Е. Веселкова бошад шартномаи сармоягузориии шарикӣ ҳамчун шакли ихтиёрии ташкилию ҳуқуқии сармоягузории хориҷӣ маънидод мегардад[3, с. 29-31].

Аз нигоҳи мо шакли сохтории шартномаи сармоягузории шарикӣ аз таркиботи ду ширкати муҳим яъне ширкати одӣ ва ширкати ба боварӣ асосёфта шакл гирифтааст. Таҳлилҳои таркибии ин ширкатҳо нишон медиҳад, ки аксар аломатҳои асосии шартномаи сармоягузории шарикӣ, аз қабили ба созиш омадни шарикони сармоягузор аз руи ҳамаи шартҳои шартнома; ҳиссагузорӣ намудани шарикон ба кори умумӣ; муттаҳидии шарикони сармоягузор; мақсади ягона доштани шарикон; бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият намудани шарикон; хусусияти эътимоднокӣ доштани шартнома ва ғайра ба шартномаи ширкати одӣ монанд мебоашнд. Аммо баъзе хусусиятҳои он ба ширкати ба боварӣ асосёфта шабоҳат доранд. Масалан аз нигоҳи идоракунӣ ҳам дар шартномаи сармоягузории шарикӣ ва ҳам дар ширкати ба бовари асосёфта масоили пешбурди корҳои умумӣ ба зиммаи шарикон комил ё шарикони идоракунанда вогузор мебошад. Чунин ҳамбастагиҳо дар масъалаи гузоштани саҳм ва масъулияти ҷавобгарии шарикони роҳбарикунанда ва саҳмгузорон ҳам ба назар мерасад, масалан уҳдадорӣ ва масъулияти шарикони саҳмгузор ё сармоягузор бо гузоштани саҳм ба кори умумӣ ва тавкали марбут ба фоида ё зиёни онҳо вобаста буда, ба андозаи арзиши саҳми онҳо ба кори умумӣ муайян мегардад ва онҳо дар идоракунии ширкат иштирок намекунанд.

Аз ҳама шартномаи наздиктатарин бо шартномаи сармоягузории шарикӣ ин шартнома оид ба фаъолияти якҷоя мебошад. Ин ҳамбастагиҳо дар хусусиятҳои зерин ифода меёбанд: а) ҳар ду шартнома дар сохтори ширкати одӣ ташкил меёбанд; б) фаъолияти якҷояи шариконро танзим мекунанд; в) гузоштани саҳм ба кори умумӣ; г)дар ҳар ду шартнома ба сифати саҳм пул, дигар амвол, ҳуқуқҳои молумулкӣ ҳуқуқҳои дорои арзиши пулӣ, дониш, малака ва малакаи касбӣ инчунин обрӯи корӣ баромад карда метавонанд.

Мо ба он назарем, ки гарчанде шартномаи сармоягузории шарикӣ аз нигоҳи сохторӣ ба шартномаи фаъолияти якҷоя монанд бошад ҳам, аммо аз назари мавзуӣ фарқиятҳои зиёде миёни ин ду шартнома вуҷуд доранд. Аз ҷумла аз назари номгузорӣ аз нигоҳи навъи фаъолият, мақсади фаъолият, шакли таъсисёбӣ, имкониятҳои қатъгардӣ, ошкор кардани

мавҷудияти шартнома, ҳайати субъективӣ, саҳмҳо ба кори умумӣ, маҳдудияти шумораи иштирокчиён, муҳлати амал ва ҷавобгарӣ.

**Адабиёт**

1. А.И. Фридман. Правовое регулирование инвестиционных фондов в России, США и Люксембурге: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2019, – 121с.

2. Афанасьева Е. Г., Бакшинскас В. Ю., Губин Е. П. и др. Корпоративное право: учебник / отв. ред. И. С. Шиткина. М.: Волтерс Клувер, 2007. С. 12.

3. Веселкова Е. Е. Простое товарищество как организационно-правовая форма иностранных инвестиций // Законодательство и экономика. 2013. № 1. С. 29–31.

4. Коновалов В. В. Договор в инвестиционной деятельности: особенности судебной защиты прав и интересов инвесторов [Электронный ресурс] // Российский судья. 2012. № 8. Доступ из справ.-правовой системы «КонсультантПлюс».

5. Новикова С.В., Гаделия Г.О. К вопросу о понятии инвестиционного товарищества //Актуальные проблемы гражданского и предпринимательского права. Сборник научно-практических статей Всероссийской научнопрактической конференции для молодых ученых. Краснодар.- 2016, С. 6-10.

## РУШДИ ЗАХИРАИ ИНСОНӢ ДАР ДОИРАИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

**Юнусов Бехруз Додхудоевич** - ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ул. Нахимова 64/14, 73067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: (+992) 988-04-32-51. behruz_yunusov.92@mail.ru.

Дар мақолаи мазкур муаллиф бештар ба масъалаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар доираи ҳадафҳои рушди устувор, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимӣ ва экологӣ, маориф, заминаи асосӣ фароҳам меорад таваҷҷӯҳ намудааст. Ҳамзамон оиди ҳадафҳои рушди устувор ки метавонад барои баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолии сайёра заминагузор бошад ва ба рушди сармояи инсонӣ таъсири бевосита расонад мавриди омузиш қарор гирифтааст. Инчунин вобаста ба ҳадафҳои стратегӣ, стратегияи миллии рушд, барномаҳои ҳадафҳои рушди устувор, ки метавонад ба мамали намудани ин барномаҳои муҳими стратегӣ ба мақсадҳои назаррас ноил шавем изҳори ақида намудааст. Дар мақолаи мазкур боз вазифаи рушди инсонӣ аз таъсис додани чунин муҳите иборат аст, ки дар он ҳар як фард метавонад қобилиятҳои худро равнақ диҳад, ва имкниятҳои чунин равнақдиҳӣ бояд беш аз беш вусъад диҳад ва барои насли оянда шароити мусоид фароҳам орад қайд намудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Захираи инсонӣ, сармояи инсонӣ, ҳадафҳои рушди устувор, рушди иқтисодӣ, баробарӣ, шуғл, тандурустӣ, бехатарии экологӣ, стратегияи миллии рушд.

## РАЗВИТИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В РАМКАХ ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ

**Юнусов Бехруз Додхудоевич** - ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: ул. Нахимова 64/14, 73067, ш. Душанбе, Республика Таджикистан. Тел.: (+992) 988-04-32-51. behruz_yunusov.92@mail.ru.

В данной статье автор рассматривает вопросы управления человеческими ресурсами в рамках целей устойчивого развития, которые являются фундаментальной основой обеспечения экономического, социального и экологического развития, образования и охраны окружающей среды. При этом изучались Цели устойчивого развития, которые могут заложить основу для повышения благосостояния населения планеты и оказать непосредственное влияние на развитие человеческого капитала. Он также высказал свое мнение относительно стратегических целей, национальной стратегии развития и программ по достижению целей устойчивого развития, которые могут помочь нам достичь значительных целей путем реализации этих важных стратегических программ. В статье далее отмечается, что задача развития человечества заключается в создании среды, в которой каждый индивидуум может развивать свои способности, и что возможности для такого развития должны все больше расширяться и создавать благоприятные условия для следующего поколения.

**Ключевые слова:** Человеческие ресурсы, человеческий капитал, цели устойчивого развития, экономическое развитие, равенство, занятость, здоровье, экологическая безопасность, национальная стратегия развития.

## HUMAN RESOURCES DEVELOPMENT IN THE FRAMEWORK OF THE GOALS SUSTAINABLE DEVELOPMENT

**Yunusov Behruz Dodkhudoevich** - assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov St., 73067, Dushanbe Highway, Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 988-04-32-51. behruz_yunusov.92@mail.ru.

In this article, the author examines the issues of human resource management within the framework of sustainable development goals, which are the fundamental basis for ensuring economic, social and environmental development, education and environmental protection. In doing so, the author studied the Sustainable Development Goals, which can lay the foundation for improving the well-being of the planet's population and have a direct impact on the development of human capital. He also expressed his opinion on the strategic goals, national development strategy and programs for achieving sustainable development goals, which can help us achieve significant goals through the implementation of these important strategic programs. The article further notes that the task of human development is to create an environment in which each individual can develop his or her abilities, and that the opportunities for such development should increasingly expand and create favorable conditions for the next generation.

**Keywords:** Human resources, human capital, sustainable development goals, economic development, equality, employment, health, environmental safety, national development strategy.

Рушди захираи инсонӣ дар доира ҳадафҳои рушди устувор як масъалаи муҳим барои таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимӣ ва экологӣ мебошад. Рушди инсон бо такмил ёфтани ин захираҳо ва қобилиятҳои инсонӣ метавонад ба мақсадҳои баланд ва устувор расад. Барои ин дар доираи ҳадафҳои рушди устувор, аслан чораҳои зерин дар назар гирифта мешавад.

Мақсади асосии Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор ин таъмини муътадили рушди ичтимоӣ-иктисодӣ ҳангоми нигоҳдории муҳити зист ва дуруст истифодабарии захираҳои табиӣ барои қонеънамоии эҳтиёҷоти насли имрӯза ва эҳтиёҷоти насли минбаъдаи давлат ба ҳисоб меравад.

Таваҷҷӯҳ ба рушди инсонӣ дар ҳама давру замони таърихии иқтисодию иҷтимоӣ барои аксари давлату миллатҳои дунё хос буда, афроди бузург ва инсонҳои комил ҳамвора мавриди эҳтиром буданд ва дар низоми давлатдорӣ ва рушди ҷомеа мавқею манзалати бузурги таърихии худро доштанд.

Шароити имрӯзаи инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳон гувоҳи он мебошад, ки давлатҳо, аз ҷумла, ташкилотҳои байналхалқӣ, корхонаҳои калону хурду миёна дар зинаҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, дар навбати аввал муносибатҳо ва масоилеро мехоҳанд ҳаллу фасл наоянд, ки натиҷагирии онҳо ба рушди устувори инсонӣ мусоидат намоянд.

Махсусан, ташвишовар он аст, ки дар натиҷаи рушди босуръати илмию техникӣ ва нанотехнологии баландмаҳсул дар ҷаҳон байни давлатҳо ва корхонаҳо оиди имконоти азхуд намудани сарватҳои табиӣ, неъматҳои моддӣ ва болоравии арзиши онҳо нобаробарии калон ба миён меояд ва мушоҳида мешавад, ки ин раванд боиси бо суръати баланд сарватмандшавии қисми давлатҳо ва баръакс бемайлон қашшоқшавии гурӯҳи дигари давлатҳо ва халқу миллатҳо гаштааст. Нобаробарӣ ҳатто дар байни одамони синну соли гуногун, марду зан, қавму қабилаҳо баръало ба чашм мерасад.

Чунин як ҳолати номувозинатӣ имкон намедиҳад, ки дар оянда ҷомеаи инсонӣ оромона зисту зиндагӣ намояд. ҳалли ин масоили муҳими рӯз барои ҳар як давлат, корхона ва муассисаҳо, фарди соҳибақл ва менеҷменти ташкилотҳо вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, зарурати нигоҳи навинро дар рушди захираи инсонӣ ба миён овардааст.

Яъне нишонагирӣ барои ташаккули захираи инсонӣ, рушди инсонҳо ва ҷомеаи солими инсонӣ, муҳити хуби зист, ҳизфи иҷтимоии инсонҳои барҷомонда, маъюбону беморон бояд мақсади асосии рушди менеҷменти замонавӣ гардад. Аз тарафи дигар, ин нишонаи расидан ба рушди устувор буда, имконоти худтасдиқкунӣ ва хештаншиносии менеҷмент ва ҳар як пешвою сарварони донишандро зиёд намуда, боздеҳи захираи инсониро даҳчанд афзун мегардонад.

Ҳамзамон аз олимону донишмандони бахши менеҷмент тадқиқот ва коркарди илмии рушди устуворро талаб менамояд, ки дар он роҳҳо ва усулҳои илмии роҳбарӣ, сармоягузорӣ ва манфиатоварӣ аз захираи инсонӣ дар оянда нишон дода шуда бошад. Вобаста аз шароитҳои ба вуҷудомадаи меҳнатӣ, сохтори шуғли аҳолӣ, дараҷаи тахассусӣ, тақсимоти соҳавии шуғл, имконот ва қобилияти захираи инсонӣ, дониши техникии кормандон, шароити меҳнатӣ, музди меҳнат, муҳити зист, оила ва вазифаҳои оиладорӣ, таваллуд ва маълумотнокии аҳолӣ, иштироки фаъоли ҳар як фарди соҳибақл дар ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодии давлат, инчунин дастгирии давлатии рушди захираи инсонӣ аз ҷумлаи вазифаҳое мебошанд, ки дар замони муосир масъалаи ниҳоят муҳҳим ба ҳисоб меравад.

Замони муосири рушди менеҷмент замоне мебошад, ки қабули қарори роҳбарӣ, лоиҳа ва маблағгузориҳо бояд бевосита ба рушди захираи инсонӣ равона карда шуда, сармояи башариро пурзӯр гадонад. Яъне модели иқтисодӣ мазмуни пурраи иҷтимоӣ гирифта, дар он инсон мақоми авваларо доро бошад ва аз амалӣ гаштани он ӯ на танҳо манфиати моддӣ

бубинад, балки кайфиати маънавӣ низ гирад, яъне рушди захираи инсонии худро дошта бошад. Моли истеҳсолшудаи навини корхонаҳо арзиши иҷтимоии истеъмолӣ дошта, рушди устувори инсониро таъмин карда тавонанд. Сатҳи зиндагонии одамон, имконоти рушди нерӯ ва истифодаи самараноки қобилияти одамон, дар навбати худ қуввае мебошад, ки тавлидкунандаи имконоти бузурги иқтисодию иҷтимоист. Фақат ҷомеаи солими қудратманд, метавонад сатҳи баланди зиндагонии одамон ва арзишҳои баланди инсониро сармашқи пиндору гуфтору рафтори хеш қарор диҳад. Чуноне ки бахше аз давлатҳои пешрафта ба монанди Ҷопон, Амрико, Шветсария, Олмон, Сингапур, Малайзия ва ғ. аллакай  аз солҳои 70-уми асри гузашта сар карда, ба ин роҳ гузаштаанд. Дар давлатҳои пешрафта аз ҳар як доллари маблағгузорӣ 65% барои ташаккули захираи инсонӣ равона карда мешавад. Дар натиҷа дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ сатҳи баланди зиндагиро мардумони ин давлатҳо соҳиб гаштаанд. Мисол, ба ҳисоби миёна барои ташаккули захираи инсонӣ як фарди касбӣ дар тамоми давраи ҳаёташ  дар Ҷопон  то як миллион доллари ШМА хароҷот карда мешавад. Дар илми менеҷмент оид ба захираи инсонӣ, сармояи башарӣ, рушди устувори башарӣ, нишондиҳандаҳо ва системаҳои ташаккули пешвои комил, муттахасиси варзида, тарзу усули роҳбарӣ, ҳавасмандкунии кормандон, ҳолати рӯҳии кормандон,  сатҳи зиндагӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад.

Принсипҳои рушди устувор дар се мардила амалӣ мегардад. Марҳилаи аввали гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор асосан ба амалинамоии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 такя мекунад. Дар ин маврид зарур аст, ки идоракунии чараёнҳои экологиро дарк ва аз худ намоем, маҳдудиятдои экологии асоснокшударо дар фаъолияти хоҷагидорӣ риоя намоем, инчунин диққати махсусро ба масъалаҳои маълумотнокии аҳолӣ оиди ҳифзи муҳити зист, чорабиниҳои оиди кабудизоркунии гирду атроф, ки дар доираи конвенсияи экологии имзонамудаи глобалӣ овардашудааст равона созем.

Марҳилаи дуюм дар доираи амалинамоии Стратегияи миллии рушд то соли 2015, ки дар он ислоҳоти сохтории ба сатҳи нави сифати баромадан, ба рушд характери устуворӣ додан, камбизоатиро аз байн бурдан ва пай дар пай сифати зиндагии аҳолиро баланд бардоштан, пешбинӣ шудааст. Дар ин марҳила чораҳои пешгирикунанда оиди коркарди олотҳои рушди устувор нисбати мутобикшавӣ ба тағийрёбии иқлим, заволёбии замин, ифлосшавии ҳаво ва ғайра пешбинӣ карда шудааст.

Таъмини гузариши давлат ба рушди устувор яке аз масъаладои сеюми консепсия буда, амалинамоии сиёсат оиди сиҳатнамоии иктисодиёт ва муътадилкунии он, ки шароити зарурӣ барои бадастории прнсипҳои рушди устувор ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила пешниҳоди оғози ташаккули низоми иктисодии ба экология нигаронидашуда ва ҳамгироии прнсипҳои рушди устувор дар тамоми соҳаҳои чамъият пешбинӣ карда шудааст. Беҳбудии экологии атрофи давлат пеш аз ҳама аз ҳисоби самаранок истифодабарии иктидори бойи табиии давлат, тавассути дохилнамоии технологияиҳои инноватсионӣ, коркарди накша ва сохтмони истеҳсолоти аз чиҳати экологӣ тоза, шаҳрсозӣ ва инфраструктура таъин карда мешавад.

Таи солҳои дароз ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҳадафноки рушд, ки дар таҳияи сиёсат ба назар гирифта мешавад, ин рушди иқтисодӣ дониста шудааст. Чунин қабул гардида буд, ки ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ба таври худкор ба рушди инсон ва кули ҷомеа оварда мерасонад ва афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсолот (масалан, рушди ММД ба

ҳар сари аҳолӣ) микёси қашшоқиро коҳиш дода, ба беҳбудии некӯаҳволии умумии аҳолӣ оварда мерасонад. Ақидаи мазкур ба он асос ёфта буд, ки истеҳсолот даромадро тавлид намуда, сатҳи баландтари даромад дар навбати худ некӯаҳволии моддӣ ва ё иқтисодиро баланд мебардорад.

Нишондиҳандаҳои асосӣ аз рӯи миқдор яке аз самтҳои муҳими рушди инсониро мефаҳмонад, яъне дарозумрӣ, саводнокӣ ва худи сатҳи зиндагӣ.

**Консепсияи рушди инсонӣ дорои чор ҷузъи асосӣ мебошад:**

**Маҳсулнокӣ** (самаранокӣ). Одамон бояд дорои имконияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳаёти худ буда, комилан дар ҷараёни таъсиси даромад ширкат варзанд. Бинобар ин, рушид иҷтисодӣ яке аз ҷузъҳои иқтидори инсонӣ мебошад.

**Баробарӣ.** Ҳамаи одамон аз аввал сар карда бояд дорои имкониятҳои баробар ба ҳаёти иқтисодӣ бошанд, ва аз ин хотир тамоми монеаҳое, ки сади роҳи пешиҳод гардидани чунин имкониятҳои мебошад, бояд аз миён бурда шаванд.

**Устуворӣ.** Дастраси ба имкониятҳо бояд на танҳо барои насли ҳозира, балки барои насли оянда низ таъмин кара мешавад. Бо мақсади мусоидати рушди устувори инсонӣ зарур аст, ки тадбиқи ҳама гуна сармоя – моддӣ, инсонӣ, табиӣ таъмин карда шуда, пеши роҳи пайдошавии қарзҳоро гирифта шавад, то ки онҳо ба дӯши насли оянда наафтанд.

**Васеъгардонии имкониятҳо.** Тараққиёт бояд дар доираи манфиатҳои шаҳрвандон ва заҳматҳои худи онҳо амалӣ гардад. Одамон бояд дар ҷараёни қабули қарорҳое, ки ҳаёти онҳоро муайян месозад, ҳамаҷониба иштирок намоянд. Онҳо бо қобилияти имконпазири муайян ба буднее меоянд. Вазифаи рушди инсонӣ аз таъсис додани чунин муҳите иборат аст, ки дар он ҳар як фард метавонад қобилиятҳои худро равнақ диҳад, ва имкниятҳои чунин равнақдиҳӣ бояд беш аз беш вусъад дода шаванд.

Ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки бе сармоягузорӣ ба захираи инсонӣ, ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ғайриимкон аст. Ҷомеаи имрузаро мебояд барои таъмини дастрасии баробар ба маориф, тандурустӣ, шуғли пурра ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳаматарафа кушиш ба харҷ диҳад.

**Адабиёт**

1. Бозоров Ш.Ш., Назарамонова Д.М. Менҷмент. – Душанбе: “Ирфон”, 2017.

2.Стратегия повышения уровня благосостояния населения Таджикистана на 2013-2015 годы. Душанбе, Министерство экономического развития и торговли РТ, Душанбе - 2013 – 146с.

3. Статегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030.

## ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СУБЕКТОНИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Эраҷи Маҳмад** - ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 770777903

**Баротова Гулрухсор Неъматуллоевна** - ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муминзода Сабурҷон Маҳмад -** магистранти курси 1, ихтисоси 250104 – молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба вазъи ҳуқуқии субектони хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллифон баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигиро аз ҷониби субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ саривақтӣ ва зарурӣ меҳисобанд. Муаллифон ҷалби бештари субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад ва рушди муносибатҳои соҳа меҳисобанд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, хоҷагии ёрирасони шахсӣ, аъзои оила, шаҳрванд, эҳтиёҷоти худ, замин, ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ, қонун.

## ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ СУБЪЕКТОВ ЛИЧНОГО ПОДСОБНОГО ХОЗЯЙСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Эраджи Махмад -** ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 770777903

**Баротова Гулрухсор Неъматуллоевна -** ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Муминзода Сабурджон Махмад** - магистрант 1 курса, специальности 250104 - финансы и кредит Таджикского государственного финансово-экономического университета

Данная статья посвящена правовому положению субъектов личного подсобного хозяйства в Республике Таджикистан. Авторы считают своевременным и необходимым повышение правовой грамотности в вопросах эффективного использования земель приусадебного хозяйства субъектами личных подсобных хозяйств. Авторы рассматривают вовлечение большего числа субъектов личного подсобного хозяйства в понимание сущности норм Конституции и действующего законодательства Республики Таджикистан в соответствии с целью и развития отношений в этой отрасли.

**Ключевые слова**: Конституция, личное подсобное хозяйство, член семьи, гражданин, собственные нужды, земля, право, правовое просвещение, закон.

## LEGAL STATUS OF PERSONAL SUBSIDIARY FARM ENTITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Eraji Mahmad -** assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Faculty of Management and Economic Law of the Tajik State University of Finance and Economics. Address 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Phone: (+992) 770777903

**Barotova Gulrukhsor Nematulloevna -** assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Faculty of Management and Economic Law of the Tajik State University of Finance and Economics

**Muminzoda Saburjon Makhmad** - 1st year master's student, specialty 250104 - finance and credit, Tajik State University of Finance and Economics

This article is devoted to the legal status of private farming entities in the Republic of Tajikistan. The authors consider it timely and necessary to increase legal literacy in matters of effective use of homestead lands by subjects of personal subsidiary plots.The authors consider the involvement of a larger number of subjects of personal subsidiary farming in understanding the

essence of the norms of the Constitution and the current legislation of the Republic of Tajikistan in accordance with the purpose and development of relations in this industry.

**Key words:** Constitution, personal subsidiary plot, family member, citizen, own needs, land, law, legal education, law.

Қонуни асосии давлат арзишҳоеро муқаррар намудааст, ки мазмун ва моҳияти маърифати ҳуқуқиро ифода менамоянд. Меъёрҳои Конститутсия ба монанди арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷониби давлат кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва ғайра дар маҷмӯъ ҷавҳари маърифати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Конститутсия дар баробари ҳуқуқу озодиҳо, инчунин вазифаҳоро пешбинӣ кардааст, аз ҷумла ҳар як шахсро вазифадор намудааст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шахс дониста шудааст.

Ҳар як меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ҷумла тибқи моддаи 13 Конститутсия замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Мазмуну мундариҷаи модддаи мазкур ва асоси конститутсионӣ-ҳуқуқӣ доштани истифодаи самараноки замин вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани он дар қисми 1-и моддаи 9 лоиҳаи Кодекси замин чунин муқаррар шудааст: Замин ҳамчун дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва ҳуқуқи ихтиёрдории он танҳо ба давлат тааллуқ дорад, давлат истифодаи самараноки заминро ба манфиати халқ кафолат медиҳад [2, с. 31]. Муқаррароти мазкур саривақтӣ буда барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодабарандагони замин мусоидат хоҳад кард.

Ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии кишвар масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар робита бо расидан ба мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд аз ҷумла волоияти қонун ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ бо мақсади дуруст ба роҳ мондан ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти №599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», тасдиқ гардид.

Зарурати қабули Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат аз 26 декабри соли 2018, инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст, бармеояд [1, с. 97].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ироа гардид, ки дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи кишвар барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки қисми асосии он ба оилаҳои ҷавон рост меояд. Ҳолати мазкур ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа ба ҳисоб рафта яке аз афзалиятҳои асосии

Ҳукумати мамлакат дониста мешавад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Воқеан Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро вобаста ба иҷтимоиёт, сиёсат, фарҳанг ва дигар масъалаҳои рушди ҷомеаи имрӯза фарогир мебошанд.

Аз ин ҷо бар меояд, ки аҳолии кишварро зарур аст маърифати ҳуқуқии оқилонаю самаранок истифодабарии заминҳои таъиноти гуногунро аз мади назар дур насозанд ва ба онҳо эҳтиромона муносибат намоянд.

Яке аз субъектони истифодабарандаи замин шаҳрвандоне мебошанд, ки бо ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки қитъаи заминро бо мақсади хоҷагидорӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мебаранд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими хоҷагии ёрирасони шахсиро қитъаи замин ҳамчун заминаи асосии фаъолияти он ташкил дода, хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳз қитъаи заминро истифода намуда, маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол менамояд. Барои ташкилӣ хоҷагии ёрирасони шахсӣ аввалан тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷудо намудани қитъаи замин зарур мебошад. Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бе истифодаи қитъаи замин ғайриимкон аст, чунки замин дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати воситаи асосии истеҳсолот баромад менамояд [3, с. 76].

Дар ин росто аз ҷониби субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ доштани маърифати ҳуқуқии истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигиро саривақтӣ ва зарурӣ меҳисобем.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" аз санаи 08 декабри соли 2003 хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҷагиест, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар пеш бурда мешавад.

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, дар м. 2 Қонуни ФР «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 7 июли соли 2003, №112 ФЗ пешбинӣ гардидааст, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ шакли фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Беларус "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон" аз 11 ноябри соли 2002 чунин омадааст: "Хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон - шакли фаъолияти меҳнатӣ – хоҷагидорӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки бо истифодаи қитъаи замини бо ҳамин мақсад мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳифз ва истифодаи замини додашуда асос ёфтааст".

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҷагиест, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ асос меёбад. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ субъкти мустақили хоҷагидориест, ки субъектони он шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ ба ҳисоб меравад, яъне хоҷагии оилавӣ аст. Дигар шаҳрвандоне, ки аъзои оилаи шаҳрванд набуда, бо онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда наметавонанд. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар фаъолияти худ корманди кироя ҷалб карда наметавонад, чунки қонун ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ имконияти ҷалби корманди кирояро ба фаъолияти хоҷагидории хоҷагии мазкур пешбинӣ накардааст.

Мақсади хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзӣ ва қонгеъ намудани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тибқи мафҳуми зикршуда самти асосии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳсуб меёбад ва тавассути ин шаҳрванд эҳтиёҷоти худ ва аъзои оилаи худро бо озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷот таъмин менамояд.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсиро танҳо шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқ ба ташкили чунин хоҷагиро надоранд. Ин Қоида аз

муқаррароти м. 71 КЗ ҶТ бармеояд, ки мувофиқи он қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон аз ҷониби ҷамоати деҳот, шаҳрак ва шаҳрҳо мутобиқи қарори раисони шаҳр, ноҳия, вилоят ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ваколаташон, ки КЗ ҶТ муқаррар намудааст, ҷудо карда мешаванд. Муқаррароти мазкур танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигиро додааст. Ҳамчунин, аз меъёрҳои м. 11 ва 12 КЗ ҶТ низ муаян мегардад, ки ин намудҳои ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин танҳо ба шаҳрвандони ҶТ дода мешавад. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қобили амал бошад. Мувофиқи м. 22 КМ ҶТ қобилияти амалкунии шаҳрванд ин барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи маданӣ, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ ба миён меояд.

Масоҳати ниҳоии қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва замини иловагӣ, ки барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҷудо карда мешаванд, мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи замин муқарар мегардад. Масоҳати ниҳоии қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар қ. 2 м 71 КЗ ҶТ ва қитъаи замини иловагии хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар қ. 2 м. 71 КЗ ҶТ  пешбинӣ гардида аст. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба андозаи то 0, 12 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,25 гектар аз заминҳои обёршаванда, дар ноҳияҳои навкорам ва кӯҳӣба андозаи то 0,15 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,40 гектар аз заминҳои обёршаванда, ки масоҳати сохтмонҳо ва ҳавлӣ ба ҳамин ҳисоб дохил мешаванд, дода мешавад [4, с. 70].

Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳуқуқ доранд дар моликияти худ молу мулк дошта болшанд, молу мулкро мерос гузоранд ва васият намоянд, ҳамроҳи дигар шаҳрванд ва шахсони ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқӣ таъсис намоянд, ҳар гуна аҳди хилофи қонуннабударо анҷом диҳанд ва уҳдадорию ҳуқуқҳои дигари молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ долшта бошанд.

Бо мақсади арҷу эҳтиром гузоштан ба меъёрҳои қонуни асосии давлат ва ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ (аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ) дар шароити муосир соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардида буд. Дар ин замина бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668, ба имзо расида буд [5, с. 186].

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ) дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб мерафт.

Бинбар сабаби надоштани маърифати ҳуқуқии истифодабарии самараноку оқиланаи замин дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон баъзе ҳолатҳо ҳуқуқвайронкуниҳо ба чашм мерасад.

Қайд кардан бо маврид аст, ки муносибатҳои вобаста ба замин оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва низоми ҳуқуқии чунин заминҳо тибқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла моддаи 13 Конститутсия), Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. $71^2$), меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ва дигар қонунгузории дахлдори соҳа ба танзим дароварда мешаванд.

**Хулоса,** ҷалби бештари шаҳрвандон аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро ба дарки моҳияти моддаи 13-и Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа аз ҷумла заминистифодабарӣ ва азбар намудани онҳоро мувофиқи мақсад ва рушди муносибатҳои соҳа меҳисобем.

**Адабиёт**

1. Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис…. барои дарёфти номзади илми ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. / – Душанбе, 2021. – С.97.
2. Исмаилов Ш.М. О реализации конституционных норм о земле // «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (13 октябри соли 2023). – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. С. 31.
3. Одиназода Ш.Х. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминистифодабарӣ дар фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ // «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (13 октябри соли 2023). – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. С. 76.
4. Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Кодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Тафсири Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи хочагии ёрирасони шахси» : нашри аввал (тафсири оммавию илми ва амалӣ) // Зери тахрири Саидзода И.Х., директори Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ , дотсент. – Душанбе: «ЭР- граф», 2022- С.70.
5. Сатторзода Б.А., Мирзоев С.А., Эраҷи М. Нақши Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими маърифати ҳуқуқии аҳолӣ // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе: 2024. – С. 186.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдуразоқов Хисрав Раҳмонович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Наҳимов, 64/14. E-mail: Khisrav0495@mail.ru. Телефон: +992000-22-66-88

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки барои ба ҷо овардани марҳилаҳои раванди назорати дохилии танзимнамоии муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ зарур аст, ки субъектони ин муносибатҳо талаботи Конститутсия ва қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бевосита риоя намуда, дар татбиқи онҳо ҳамаҷониба талош намоянд.

**Калидвожаҳо**: Конститутсия, Тоҷикистон, Қонунгузорӣ, Муносибатҳо оилавӣ, Эъломия, Паймон, Байналмилалӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Абдуразоков Хисрав Рахмонович** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономического, финансового и

антикоррупционного права. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Электронная почта: Khisrav0495@mail.ru Телефон: +992000-22-66-88

В статье рассматриваются некоторые правовые вопросы, связанные с регулированием семейных правоотношений в Республике Таджикистан. Автор отмечает, что для осуществления этапов процесса внутреннего контроля за регулированием семейно-правовых отношений необходимо непосредственное соблюдение субъектами этих отношений требований Конституции и семейного законодательства Республики Таджикистан и принятие всесторонних мер по их реализации.

**Ключевые слова:** Конституция, Таджикистан, Законодательство, Семейные отношения, Декларация, Пакт, Международный.

## SOME LEGAL ISSUES OF REGULATION OF FAMILY RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abdurazokov Khisrav Rakhmonovich** – Tajik State University of Finance and Economics, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: Khisrav0495@mail.ru Phone: +992000-22-66-88

The article examines some legal issues related to the regulation of family legal relations in the Republic of Tajikistan. The author notes that in order to implement the stages of the process of internal control over the regulation of family legal relations, it is necessary for the subjects of these relations to directly comply with the requirements of the Constitution and family legislation of the Republic of Tajikistan and take comprehensive measures to implement them.

**Keywords:** Constitution, Tajikistan, Legislation, Family Relations, Declaration, Covenant, International.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ба роҳ монда мешавад. Қонунгузории оилавӣ муносибатҳои оилавиро танзим карда, дар таъмини ҳуқуқҳои аъзои оила нақши муҳим мебозад.

Давлат вазифаи тарбиявии волидонро ҳамчун ухдадории муҳимми ҷамъиятию, шаҳрвандӣ эътироф намуда, оиларо зери ҳимояи худ қарор додааст. Моддаи 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Дар ин модда ухдадории давлат дар мавриди таҳти ҳимояи худ гирифтани оила, ҳамчун асоси ҷамъият, таъкид шудааст. Таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила чунин маъно дорад, ки давлат дар ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоиву ҳуқуқии марбут ба солимӣ ва пойдории оила худро ухдадор мешуморад. Аз ҷумла, ғамхорӣ ба саломатии модар ва кӯдак, ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, таъмини шароити мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакон, кафолати иҷтимоӣ ҳангоми пиронсолӣ ва корношоямӣ, дастрас будани таҳсил дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғ.

Бояд зикр кард, ки тамоми ухдадориҳое, ки давлат дар самти ҳимоя ва дастгирии оила ба зимма гирифтааст, бевосита аз муқаррароти моддаи 25-и Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи

башар (аз 10 декабри соли 1948) бармеояд. Дар Эъломияи ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар санадҳои дахлдори байналмилалӣ оила ҳамчун рукни табиӣ ва асосии ҷамъият эътироф шуда, таъкид гардидааст, ки модарон то давраи таваллуд ва баъди таваллуд бояд ба ғамхории махсус фаро гирифта шаванд. Пешбинӣ намудани чораҳои махсуси ҳимояи модар ва ба ҳимояи махсус фаро гирифтани кӯдакон яке аз шаклҳои дастгирии иҷтимоии оила мебошад.

Ҳимояи ҳуқуқи кӯдак, ки фарогири ҳуқуқҳои инсон то синни 18-сола мебошад, дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дарҷ гардидаанд. Дар ин Конвенсия қайд гардидааст, ки давлатҳои аъзо тамоми ҳуқуқҳои дар ин Конвенсия пешбинишударо нисбат ба ҳар як кӯдаке, ки дар доираи ҳуқуқии онҳо қарор дорад, бе ягон табъиз (ҷудокунӣ, бартарӣ додан ва ё паст задан), сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ, асли миллӣ, қавмӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, саломатӣ ва таваллуди кӯдак, волидон ё парасторони қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар, эҳтиром ва таъмин мекунанд.

Яке аз санадҳои асосие, ки муносибатҳои оилавиро дар ҷумҳурии мо ба танзим медарорад, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 13 ноябри соли 1998 қабул гардидааст. Кодекси мазкур аз 8 фасл, 22 боб ва 178 модда иборат мебошад. Он паҳлуҳои ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ, масъулият ва вазифаҳои аъзои оила, ақдномаи никоҳ, синни никоҳӣ, ҳуқуқи кӯдак дар оила, пардохти алимент, ҷавобгарии тарафҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба муносибатҳои оилавиро ба танзим медарорад.

Оила пайванди ибтидоии ҷамъият буда, дар ташкилу иҷрои вазифаҳои хеш мустақилона амал мекунад.

Солҳои охир, махсусан пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мустаҳкам гардидани оилаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Давлат баҳри беҳтар намудани шароити оилаҳо, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак ғамхорӣ намуда, барои омода кардани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ тадбирҳои амалӣ меандешад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ кардани омӯзиши фанни маърифати оиладорӣ ҳам яке аз он тадбирҳо мебошад.

Ҳар як ҷавон пеш аз хонадор шудан бояд ба қонунгузории кишвар оид ба оила шинос шавад. Донистани қонун ва риоя намудани он ба мустаҳкам гардидани оила ёрӣ мерасонад. Ҷавонон бояд донанд, ки танҳо никоҳи дар ташкилотҳои ақди никоҳ бақайдгирифташуда қонунӣ буда, оилаи баробарҳуқуқи ҷамъиятиро ташкил медиҳад.

Никоҳи ғайрирасмӣ, яъне никоҳе, ки дар ташкилотҳои ақди никоҳ ба қайд гирифта нашудааст, ғайриқонунӣ буда, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳарро ба танзим даровarда наметавонад. Дар ҳолати вайрон гаштани оилаҳои ғайрирасмӣ (яъне оилаҳое, ки аз қайди никоҳи расмӣ нагузаштаанд) аксаран занҳои ҷавон дар ҳолати ногувор мемонанд.
Зеро дар ҳолати барҳам хӯрдани оилаи дар асоси никоҳи динӣ ташкилшуда давлат кафолат дода наметавонад ва бе молу мулк мондани зан аз эҳтимол дур нест.

Аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва тибқи қонунҳои ҷорӣ раъйи зану шавҳарро, ки ихтиёран оила барпо мекунанд, танҳо дар он ҳолат ба инобат мегиранд, ки онҳо аз ҷониби мақомоти давлатии Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта, ақди никоҳашон ба расмият даровarда шуда бошад. Яъне шаҳодатномаи ақди никоҳ барои онҳо ҳуқуқи занушавҳариро медиҳад ва асоси барпо гардидани оилаи нав маҳсуб меёбад. Мақомоти давлатӣ ақди никоҳеро, ки танҳо бо расму оинҳои динӣ сурат гирифтаанд, ба эътибор намегирад. Бинобар ин аз қайди мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаштани ҷавонон аҳамияти махсус

дорад. Танҳо шаҳодатномаи ақди никоҳ ҳуҷҷати асосӣ ва далели тасдиқкунандаи аз қайд гузаштани ақди никоҳ ба шумор рафта, ҳуқуқҳои зану мардро муқаррар менамояд.

Барои аз қайди никоҳ гузаштани навхонадорон мувофиқи моддаи 12-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои асосии ақди никоҳ чунинанд:

Розигии марду зани издивоҷкунанда;

Ба синни никоҳӣ (18-солагӣ) расидан.

Мутобиқи тағйиру иловаҳое, ки ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, синни никоҳӣ дар ҷумҳурӣ аз 18-солагӣ муқаррар гардида, дар ҳолатҳои истисноӣ бо ҳалномаи суд синни никоҳӣ аз 17-солагӣ муайян карда мешавад. Ҳолатҳои дигари никоҳи ғайриқонунӣ ҷиноят ҳисобида мешавад.

Шахсоне, ки духтар ё писарро маҷбурӣ ба никоҳ розӣ мекунанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Бо вуҷуди ин ҷавонон набояд ба сабукфикрию беандешагӣ роҳ диҳанд. Маслиҳати падару модарро ҳаматарафа гӯш карда, номзадиояндаи худро хуб бисанҷанд, дар бораи шубҳаи худ аз падару модар маслиҳат пурсанд.

Ҳамин тариқ, зан ва мард танҳо баъди қайди никоҳ дар идораи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ зану шавҳари комилҳуқуқ дониста мешаванд.

Ҳамзамон, гуфта мешавад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар баъд аз ақди никоҳ ба вуҷуд меояд. Зану шавҳар дар оила баробарҳуқуқанд ва дар назди оилаю ҷамъият вазифа ва масъулияти муайян доранд.

Ҳангоми аз қайди никоҳ гузаштан зан ва шавҳар ҳуқуқ доранд, ки яке аз насабҳояшонро ҳамчун насаби ягонаи байнашон интихоб кунанд. Одатан бештари занҳо насаби шавҳарро қабул мекунанд.

Агар ақди никоҳ бекор карда шавад ва зану шавҳар аз ҳамдигар ҷудо шаванд, зан метавонад боз насаби пешинаи худро барқарор кунад. Азбаски фарзандон насаби падарро қабул мекунанд, бинобар ин бештари занҳо насаби худро иваз намекунанд.

Зану шавҳар дар қатъ кардани никоҳ ҳуқуқи баробар доранд. Аз тарафи зан ё мард дар бораи қатъ кардани ақди никоҳ ба суд ариза дода мешавад. Баъд аз омӯхтани сабабҳои ҷудошавӣ суд мекӯшад, ки зану шавҳар оштӣ шаванд ва бо ин мақсад муҳлати муайян муқаррар карда мешавад.

Дар асоси моддаи 34-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст: амволи дар давраи оиладорӣ бадастовардаи зану шавҳар моликияти муштараки онҳо эътироф карда мешавад. Даромаде, ки зану шавҳар дар давраи зиндагӣ аз натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ ба даст овардаанд, нафақа, ёрдампулӣ, коғазҳои қиматнок, амволи харидашуда, новобаста ба он ки ба номи кӣ номнавис шудааст, амволи муштарак эътироф карда мешавад. Аз ин лиҳоз молу мулки муштарак дар зиндагӣ аз ҷониби зану шавҳар баробар истифода бурда мешавад.

Зану шавҳар бояд донанд, ки молу мулке, ки онҳо дар давраи ҳаёти якҷоя ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ба ҳисоб меравад ва дар тақсимот онҳо ҳуқуқи баробар доранд.

Молу мулки шахсӣ ҳамон молу мулке ҳисоб меёбад, ки то давраи хонадорӣ ба онҳо тааллуқ дошт.

Ғайр аз ин, амволи истифодаи шахсӣ, аз қабили либос, пойафзол, асбобҳои ороиши занона ва мардона (соат, гӯшвор) моликияти шахсии зану шавҳар ҳисоб меёбанд.

Ҳарчанд зан дар давраи оиладорӣ дар ягон ҷо кор накарда бошад ҳам, вай дар кори хоҷагии хона, тарбияи фарзандон саҳми худро гузоштааст ва аз ин рӯ вай ба моликияти оила, ки дар давраи зиндагии якҷоя ҷамъ кардаанд, баробари мард ҳақ дорад.

Ғайр аз ин, суд манфиати фарзандонро ба назар гирифта, ҳангоми тақсим қисми зиёди чизу чораро ба фоидаи онҳо муайян мекунад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ, дар баробари бастани ақди никоҳи шаҳрвандон, аҳдномаи никоҳро ҳам байни зану шавҳар пешбинӣ намудааст, ки он ихтиёрӣ буда, аз ҷониби намояндагони нотариалии давлатӣ пеш аз никоҳ ё дар ҷараёни зиндагӣ тавассути шартномаи дутарафа тасдиқ мешавад. Аҳдномаи никоҳ чист?

Аҳдномаи никоҳ санадест, ки дар он уҳдадориҳои зану шавҳар, хароҷоти тарафайни ҷашну маросими оилавӣ ва молу мулке муайян мегардад, ки дар сурати бекор кардани ақди никоҳ ба ихтиёри ҳар кадоми онҳо гузошта мешавад. Дар аҳднома инчунин дигар шарту уҳдадориҳои якдигарро метавонанд зикр намоянд. Вале бештари оилаҳо дар Тоҷикистон аз бастани аҳдномаи никоҳ худдорӣ менамоянд, ё ки онро ба эътибор намегиранд.

Аҳдномаи никоҳ созишномаи шахсоне мебошад, ки никоҳ мекунанд ё созишномаи зану шавҳар аст, ки ҳуқуқи молумулкӣ ва уҳдадориҳои онҳоро дар давраи занушӯйӣ ва ё дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд.

Хулоса, дар Тоҷикистон барои бунёди оила, чи аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва чи аз назари анъанаҳои мардумӣ, замина ва шароити мусоид мавҷуд буда, монеае дар ташкили оила ва пеш бурдани ҳаёти мустақилона вуҷуд надорад. Ҳар кас вобаста ба шароити иқтисодию иҷтимоӣ, тавоноӣ, тафаккур ва шавқу завқи оилаи худ дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва анъанаҳои мардумӣ оила ташкил менамояд, ки риояи он ҳатмист

**Адабиёт**


1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе соли 2016

2.Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 13-уми ноябри соли 1998

3. Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Оила

4. Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар 10-уми декабри соли1948


## МАВҚЕИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКИИ КОРКАРД ДАР САНАОТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР


**Давлатов Хуршед Маҳмадович** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова64/14. тел. 919-27-67-76



Дар мақола зарурияти истифодабарии низомҳои гумрукии коркард барои таъмини ҳадафи стратегии кишвар - саноатикунонии босуръат ва ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин хусусиятҳои хоси ҳисоб ва ситонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ ва содиротӣ, аксизҳо ва андоз аз арзиши иловашуда дар низомҳои гумрукии коркард (коркард дар ҳудуди гумрукӣ, коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ, коркард барои муомилоти озод) муйян карда шудаанд. Вариантҳои гуногуни ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми дур шудани баромади воқеии маҳсулоти коркардшуда аз нишондиҳандаи меъёрии қабулшудаи онҳо пешниҳод карда мешаванд.

**Калидвожаҳо**: саноатикунонии босуръат, ҳамгироии иқтисоди, иқтидори содиротӣ, пардохтҳои гумрукӣ, низомҳои гумрукӣ, боҷи гумрукӣ, аксиз, андоз аз арзиши иловашуда

## РОЛЬ ТАМОЖЕННЫХ РЕЖИМОВ ПЕРЕРАБОТКИ В УСКОРЕННОЙ ИУДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ

**Давлатов Хуршед Махмадович** – н.и.и., доцент, заведующий кафедрой таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел. 919-27-67-76

В статье анализируется необходимость использования таможенных режимов для обеспечения стратегической цели страны по ускоренной индустриализации и интеграции национальной экономики в мировое хозяйство. При этом определены особенности исчисления и взимания ввозных и вывозных таможенных пошлин, акцизов, налога на добавленную стоимость в таможенных режимах переработки (переработка на таможенной территории, переработка вне таможенной территории, переработка для свободного обращения). Предложены различные варианты взимания таможенных платежей при отклонении фактического выхода продуктов переработки от принятого нормативного показателя.

**Ключевые слова:** ускоренная индустриализация, экономическая интеграция, экспортный потенциал, таможенные платежи, таможенные режимы, таможенная пошлина, таможенная пошлина, акциз ,НДС.

## HE ROLE OF CUSTOMS PROCESSING REGIMES IN THE ACCELERATED JUDOCTRIALIZATION OF THE COUNTRY

**Davlatov Khurshed Makhmadovich** – research assistant, associate professor, head of the department of customs affairs at the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova street 64/14. tel. 919-27-67-76

The article analyzes the need to use customs regimes to ensure the country's strategic goal of accelerated industrialization and integration of the national economy into the world economy. At the same time, the features of calculating and collecting import and export customs duties, excise taxes, value added tax in customs processing regimes (processing in the customs territory, processing outside the customs territory, processing for free circulation) are determined. Various options for collecting customs duties in case of deviation of the actual output of processed products from the adopted standard indicator are proposed.

**Key words:** accelerated industrialization, economic integration, export potential, customs payments, customs regimes, customs duty, customs duty, excise tax, Value Added Tax.

Яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, ки дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба он вобаста аст, саноатикунонии босуръат мебошад.

Дар шароити маҳдудияти талабот дар кишвар бо қобилияти харидории аҳолӣ, истеҳсолоти саноатии ба содирот нигарондашуда яке аз роҳҳои таъмини рушди босуръати

соҳаи саноат ва инкишофи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли ҳар кишвари дигар, дар ҷаҳон бештар ба рушди савдои хориҷӣ вобаста аст [6].

Тамоми имкониятҳо барои ташкил ва рушди чунин истеҳсолоти ватанӣ ҳастанд. Иқтидори содиротии кишвар имконияти васеъро барои бунёди истеҳсолоти саноатии ба содирот нигаронидашуда доро мебошад. Саноатикунонӣ ва рушди иқтидори содиротӣ бо ҳам зич алоқаманданд, зеро ҳарду ба беҳтар намудани рушди иқтисодии кишвар ва мавқеи он дар бозори байналмилалӣ нигаронида шудаанд [3].

Ташкили дуруст ва самароноки муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ба фаъолияти мақомоти гумрук ва қонунгузории гумрукии кишвар вобаста мебошад. Мавқеи мақомоти гумрук дар инфрасохтори фаъолияти берунии иқтисодӣ дар шароити муосир аҳамияти калонро барои инкишофи кишвар, ҳавасманднамоии иштирокчиёни савдои байналмилалӣ дар рушди фаъолнокии сармоягузории онҳо дар соҳаҳои афзалятноки иқтисоди миллӣ ,тавассути бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ доро мегардад [1]. Шаклҳои гуногунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ талаб менамоянд, ки барои онҳо низомҳои гумрукии мушаххас муайян карда шаванд.

Дар қонунгузории гумрукии кишвар барои пешбурди самараноки робитаҳои самараноки истеҳсолию тиҷоратӣ низомҳои гуногуни гумрукӣ муқаррар карда шудаанд.

Мутобиқи қонунгузории мавҷудаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми гумрукӣ "расмиёти гумрукие мебошад, ки маҷмӯи талабот ва шартҳо, аз ҷумла тартиби нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт истифода бурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, мамнӯият ва маҳдудиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақоми мол ва воситаҳои нақлиётро ба мақсадҳои гумрукӣ вобаста бо мақсади интиқоли онҳо аз сарҳади гумрукӣ ва истифодабарӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз ин ҳудуд дар бар мегирад" [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хамагӣ 18 низоми гумрукиро истифода бурдан мумкин аст.

Ба низомҳои гумрукии коркард се низом шомил мегардад:

- коркард дар ҳудуди гумрукӣ;
– коркард берун аз ҳудуди гумруки;
- коркард барои муомилоти озод.

Низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ имкон медиҳад, ки соҳаи ватании саноати коркард тавассути таҳкими ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ рушд намояд. Истифодаи ин низом муносибсозии маблағи пардохтҳои гумрукии ситондашавандаро ҳангоми воридоти мол ба кишвар бо мақсади коркард ва ҳангоми содироти моли коркардшуда аз он таъмин менамояд. Ин ба корхонаҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳои худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир кунанд, ки унсури занҷири як раванди истеҳсолӣ мебошанд. Истифодаи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ аз лиҳози иқтисодӣ дар шароити нокифоя будани ашёи хоми худӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳавасмандгардонии воридоти ашёи хоми толлингӣ ба фаъол гардидани фаъолияти истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин бояд дар хотир дошт, ки рушди соҳаи коркард дар ҷумҳурӣ ҷойҳои корӣ иловагии ба вуҷуд меорад, даромадҳои андоз ба буҷетҳои низоми буҷетӣ зиёд мешавад ва боиси афзоиши МУД аз ҳисоби афзоиши арзиши иловашуда дар кишвар мегардад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ ва берун аз ҳудуди гумрукӣ баръакси

ҳамдигар мебошанд: як низом гумрукӣ бояд дар як кишвар ва дигараш дар давлати дигар декларатсия карда шавад. Ба ибораи дигар, иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд ду низоми коркарди гумрукиро эълом кунанд: коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ (дар як кишвар) ва коркард дар ҳудуди гумрукӣ (дар кишвари дигар), ки ба пардохтхои гумрукие, ки метавонад дар ду кишвар ситонда шавад, таъсир мерасонад.

Маънои иқтисодии низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод дар он аст, ки истифодаи он ба мо имкон медиҳад, ки таъсири «аномалияи тарифӣ»-ро бартараф созем - вазъияте, ки ҳангоми баланд шудани дараҷаи коркарди мол меъёри боҷ ба онҳо кам мешавад, ки хилофи принсипи умумии ташкили тарифҳо дар кишварҳои аз ҷиҳати саноат пешрафта, ки дар асоси принсипи баландшавии тарифҳо сохта шудаанд [4]. Баландшавии тарифҳо ҳолатест, ки бо баланд шудани дараҷаи коркарди мол боҷи гумрукӣ барои маҳсулоти коркард зиёд мешавад. Баландшавии тарифҳо бахши коркардро нисбат ба истифодаи низоми якхелаи (меъёрҳои баробари боҷҳои гумрукӣ) боҷҳои гумрукӣ барои ашёи хом ,маҳсулоти нимтайёр ,маҳсулоти тайёр дар занҷири арзишхо самараноктар муҳофизат мекунад. Вале дар тарифи гумрукӣ на хама вакт меъёрҳоро аз руи принципи баланд бардоштани тарифхо сохтан мумкин аст, балки тамоман баръакс — пастшавии шиддати тарифхо ба амал омаданаш мумкин аст. Барои ин ҳолатҳо қонунгузории гумрук имкони истифодаи низоми гумрукии коркард барои барои муомилоти озодро пешбинӣ менамояд, ки ин имкон медиҳад, ки маблағи боҷҳои гумрукии пардохташуда кам карда, ба ин васила аз кӯчонидани корхонаҳои коркард берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ пешгирӣ карда шавад.

Дар низомҳои гумруки коркард нисбат ба молҳои гуногун мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

«моли воридотӣ» – моли воридшуда ба ҳудуди гумрукӣ бо мақсади коркард;

«моли содиротӣ» — моли аз ҳудуди гумрукӣ бо мақсади коркард содиршаванда;

«маҳсулоти коркард» — моли дар ҷараёни коркард аз моли воридотӣ ё содиротӣ истеҳсолшуда;

«пасмондаҳо» - молҳое, ки дар раванди коркард истифода нашудаанд (қисми моли воридотӣ ё содиротӣ);

«партовҳо» - маҳсулоте, ки дар натиҷаи коркарди мол ба вуҷуд омадаанд, на мақсади чунин коркард;

Акнун хусусиятҳои ҳисоб ва ситондани пардохтҳои гумрукиро дар низомиҳои гуногун баррасӣ мекунем.

Ба пардохтҳои гумрукӣ боҷҳои гумрукии воридот ва содирот, аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда ва хироҷҳои гумрукӣ, ки иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳангоми воридот ва содироти мол аз ҳудуди гумрукӣ пардохт мекунанд, дохил мешаванд.

Мутобиқи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ моли хориҷӣ бояд бо мақсади коркард ва содироти минбаъдаи маҳсулоти коркарду партовҳои ҳосилшуда ба ҳудуди кишвар ворид карда шавад. Аз моле, ки барои коркард ворид карда мешавад, бочҳои гумрукии воридотӣ, аксиз ва андоз аз арзиши иловашуда гирифта намешавад. Нисбат ба маҳсули коркарди аз ҳудуди гумрукӣ истеҳсол ва содиршаванда, инчунин партовҳо ва пасмондаҳо боҷҳои гумрукии содиротӣ пардохт карда намешаванд. Аммо вақте ки ин молҳо ба муомилоти озод баровардa мешаванд, бояд пардохта шаванд (вақте ки мол ба мақсади истифодабарӣ ва истеъмол дар ҳудуди гумрукӣ мемонад). Ба ғайр аз ин, аз рӯи ин

маблағҳо (бо меъёри бозтамвил) дар давраи аз лаҳзаи таҳти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ декларатсия кардани моли воридотӣ то лаҳзаи ҷойгир намудани маҳсули коркард ва пасмондаҳо таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод бояд фоизҳо пардохта шаванд. Дар акси ҳол иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз тариқи дидаву дониста ба таъхир андохтани ситонидани пардохтҳои гумрукӣ фоидаи иқтисодӣ ба даст меоранд ва низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ аз ҷониби онҳо бо мақсади муносибгардонии пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои ғайримустақим истифода мешавад.

Хусусиятҳои истифодаи пардохтҳои гумрукӣ дар низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ. Тибқи ин низом, мол берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади коркард содир карда мешавад ва бояд маҳсулоти коркардшуда дубора ба ҳудуди кишвар ворид карда шавад. Аз маҳсулоти коркарди воридотӣ боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳои ғайримустақими гирифта мешавад. Боҷи гумрукии воридотӣ бояд дар асоси арзиши коркарди моли содиротӣ пардохта шавад ва агар онро муқаррар кардан имконнопазир бошад, он бояд ҳамчун фарқияти байни арзиши гумрукии маҳсулоти коркард ва арзиши гумрукии моли дар коркард ҷойгиршуда муайян карда шавад. Дар ин ҳолат бояд меъёрҳое истифода шаванд, ки дар рӯзи таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод ҷойгир кардани маҳсулоти коркардшуда амал мекарданд. Дар ҳолате, ки барои маҳсулоти коркардшуда меъёри боҷи гумрукии махсус истифода мешаванд (дар ҳаҷми муқарар гардидаи воҳиди пули барои як воҳиди мол ифода карда мешавад), маблағи боҷҳои гумрукии пардохтшаванда хамчун зарби маблағи боҷи гумрукии воридот, ки аз руи меъёри боҷи гумрукии махсуси махсулоти коркард ҳисоб карда мешавад, бо таносуби арзиши амалиёти коркард ба арзиши гумрукии маҳсулоти коркард, ки гуё маҳсулоти коркард таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод Ҷумхурии Точикистон гузошта шуда бошад. Онро ба таври расмӣ метавон чунин муаррифӣ кард: Маблағи боҷи гумрукӣ (бо меъёри махсус) = Меъёри боҷи гумрукӣ барои як воҳиди мол х (Арзиши коркарди мол / Арзиши гумрукии маҳсулоти коркард). Андоз аз арзиши иловашуда бояд аз афзоиши арзиши моли дар натичаи коркарди мол ба даст овардашуда пардохта шавад, ки онро ҳам дар асоси ҳуҷҷатхои коркарди мол ва хам аз ҳисоби фарқи арзиши гумрукии маҳсулоти коркард ва моли бо мақсади чунин коркард содиршуда муайян кардан мумкин аст. Андози аксизӣ дар асоси тамоми арзиши гумрукии маҳсулоти коркарди воридотӣ пардохта мешаванд.

Ҳангоми ҷойгир кардани мол таҳти низоми гумрукии содирот боҷи гумрукии содиротӣ аз моли барои коркард содиршуда ва фоизҳои он пардохта мешавад. Фоизҳо барои давраи байни ҷойгиркунии моли содиротӣ таҳти низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ ва ҷойгиркунии ҳамон мол таҳти низоми гумрукии содирот пардохта мешаванд. Қонунгузории гумрук имкони ситонидани пардохтҳои гумрукиро дар кишвари содироти мол бо мақсади коркарди дубораи онҳо нисбат ба партовҳои ҳосилшуда пешбинӣ намекунад. Ин ба он далел аст, ки танҳо афзоиши арзиши гумрукии мол мавриди андозбандии гумрукӣ қарор дода мешавад (барои кишваре, ки маҳсулоти коркардшударо ворид мекунад, арзиши партовҳо муҳим нест). Дар акси ҳол, бояд манбаи пардохтҳои гумрукиро аз ҳисоби арзиши партовҳо коҳиш дода, онро ба партов гузаронид.

Хусусиятҳои истифодаи боҷҳои гумрукӣ дар низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод. Тибқи ин низом моли хориҷӣ бояд ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо мақсади коркард ва минбаъда иҷозати барои муомилоти озод ворид карда шавад. Барои моли воридотӣ аксиз ва ААИ бояд пурра пардохта шавад. Барои риояи тартиби ситонидани пардохтҳои гумрукӣ боҷи гумрукии воридотӣ шартан ҳисоб карда мешавад, аммо ба буҷет ситонда намешавад. Боҷи гумрукии воридотӣ танҳо барои маҳсулоти коркард бар асоси меъёрҳое, ки ба маҳсулоти коркардшуда татбиқ мешаванд (на ба молҳои воридотӣ, ки аз онҳо маҳсулоти коркардшуда истеҳсол мешавад) пардохта мешавад. Аммо агар моли воридотӣ коркард нашуда ва баъдан таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод ҷойгир шуда бошад, нисбат ба онҳо боҷи гумрукии воридотӣ ва фоизҳои он пардохта мешаванд. Бояд қайд кард, ки яке аз шартҳои ҷойгиркунии моли хориҷӣ таҳти низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод кам кардани ҳаҷми маблағи боҷҳои гумрукӣ дар муқоиса бо низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод мебошад. Ба ин восита соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ ба рушди соҳаи саноати коркад дар иқтисоди миллӣ ҳавасманд карда мешаванд.

Бо дарназардошти хусусияти хоси партовҳо ҳамчун мол, муқаррар шудааст, ки агар муайян кардани арзиши гумрукии партовҳо тавассути истифодаи пайдарпайи усулҳои муайян кардани арзиши гумрукӣ ғайриимкон бошад, арзиши партовҳо бо назардошти ваҷҳҳои зерин муайян карда мешавад:

1) нархи фурӯш ҳангоми фурӯши аввалини онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) нархи фурӯши молҳое, ки бо партовҳои арзёбишаванда шабеҳ ё ҳамҷинс мебошанд, агар чунин молҳо дар натиҷаи коркарди якхела ба даст оварда шуда бошанд;

3) нархи муомилотии молҳое, ки бо партовҳои арзёбишаванда шабеҳ ё ҳамҷинс мебошанд, агар ин молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан дар ҳамон вақте, ки декларатсия кардани партовҳо ба амал бароварда мешавад, ворид шуда бошанд;

4) нархи фурӯши молҳои бо партовҳои арзёбишаванда шабеҳ ё ҳамҷинс дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти тарҳи андозҳои дохилӣ. [5].

Ҳангоми таҳти низоми коркарди гумруки ҷойгир кардани мол метавонад мушкилоте ба миён ояд, ки дар он баромади воқеи маҳсули коркард аз нишондиҳандаи меъёрӣ (миқдор ё таркиби фоизии маҳсули коркард, ки дар натиҷаи коркарди миқдори муайяни моли овардашуда ҳосил шудааст) он дур мешавад. Чунин дуршавӣ метавонад ё дар шакли афзоиши истеҳсоли воқеии маҳсулоти коркардшуда аз нишондиҳандаи меъёрӣ ё дар шакли камшавӣ (ки бештар рӯй медиҳад) бошад. Дар ин ҳолат боҷи гумрукӣ чӣ гуна бояд пардохта шавад ? Дар асоси нишондиҳандаи меъёрӣ ё баромади воқеи маҳсули коркард? Нишондиҳандаи меъёрӣ маҳсулот метавонад дар мувофиқа бо мақомоти гумрук муайян карда шавад ё бо санадҳои дахлдори мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад (нисбат ба моле, ки хусусиятҳояшон амалан доимӣ мемонад). Дар холати якум иштирокчиёни фаъолияти иктисодии хориҷӣ ҳуҷҷатхои зарурии тасдиққунандаро барои нишон додани фарқияти зиёди эҳтимолии истеҳсоли воқеии махсулоти коркард аз нишондиҳандаи меъёрӣ пешниҳод карда метавонанд. Чунин фарқият метавонад аз сабаби тағирёбии шароити коркарди технологӣ бошад, ки хусусияти объективӣ дорад. Дар ҳолати дуюм (меъёрҳои стандартии баромади маҳсули коркардшуда) мақомоти гумрук наметавонанд маълумоти воқеиро дар бораи истеҳсоли маҳсулоти коркард қабул кунанд, зеро онҳо бояд талаботи муқарраршудаи меъёриро риоя намоянд.

Роҳҳои имконпазири ҳалли ин масъала инҳоянд:

а) аз ҷониби мақомоти гумрук эътироф намудани истеҳсоли воқеии маҳсулот ҳамчун асос барои ҳисоб кардан ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ. Дар ин маврид иштирокчиёни фаъолияти иктисодии хориҷӣ барои чунин дурравӣ (фарқият) бояд далелҳои бо равандҳои мушаххаси технологӣ асосёфтаро пешниход намоянд;

б) аз ҷониби мақомоти гумрук эътироф накардани дурравӣ дар истеҳсоли воқеии маҳсулоти коркард аз нишондиҳандаи меъёрӣ (бояд ситонидани маблағи иловагии пардохтҳои гумрукиро талаб намояд).

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки низоми гумрукии коркард яке аз шаклҳои ташкили фаъолияти иқтисодии хориҷӣ буда, тарзи хоси ҳисоб намудан ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро муайян мекунад. Ҳамзамон, механизми истифодаи пардохтҳои гумрукӣ дар ин низоми гумрукӣ ба мушкилоте дучор мешавад, ки аз хусусиятҳои коркарди мол, муайян кардани арзиши гумрукии маҳсулоти коркард ва партовҳо, инчунин аз нишондиҳандаи меъёрӣ он дур мондани маҳсули воқеии маҳсулоти коркард ба вуҷуд омадаанд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи тартиби амали ин низомҳои гумурукӣ имконият медиҳад, ки онҳо ҳамчун омили муҳими таъмини саноатикунонии босуръати кишвар истифода бурда шаванд.

### Адабиёт


1. Давлатов Х.М. Мавқеи мақомоти гумрук дар таъмини рушди иқтисодии кишвар. // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) (23 декабри соли 2023) – Душанбе, 2023.- 330 саҳ.

2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – (Ахбори Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон) аз, 04.04.2021. №1600 - 348 с.

3.Мирбобоев Р.М. Факторы развития экспортного потенциала в условиях ускоренной индустриализации страны // Сборник материалов международной научно-практическойконференции на тему «Реализация политики содействия эспорту и импортозамещению Республики Таджикистан в условиях глобализации» посвященной «Годам развития промышленности» (2022-2026) (23 декабря 2023 г.) –Душанбе, 2023. -330 стр.

4. Сухарев А. Н. Эволюция таможенного тарифа России и его влияние на развитие внешней торговли // Вестник Тверского государственного университета. Сер.: Право. 2008. № 12. С. 221-228

5.Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири генерал-майори хадамоти гумрук Раҳматов Неъматбой Сангинович – Душанбе, 2020. - 808 саҳифа

6. Шарипов, Б. М. Проблемы совершенствования внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан в контексте развития ее экспортного потенциала / Б. М. Шарипов, А. С. Холикзода // Таджикистан и современный мир. –2020. – № 1(69). – С. 172-180.


## ҶАНБАҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ГУМРУК


**Абдуҷабборзода С.А.** – н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ, Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел: +992 903010301

Муҳиммияти мавзуи мақолаи мазкур дар баррасии ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти гумрук, ки на танҳо дорои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқӣ, балки хусусияти маъмурӣ доранд, мебошад. Таъкид шудааст, ки мақомоти гумрук ҳам дар ҳадафҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳам иқтисоди ҷойгохи махсусро ишғол менамояд. Муаллиф самтҳои муҳими фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрукро муайян кардааст.

Калидвожаҳо: мақомоти гумрук, ҳуқуқ, барасмиятдарорӣ, қочоқ, маводи мухаддир, арзишҳои фарҳангӣ.

## АСПЕКТЫ ПРАВОПРИМЕНИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ

**Абдуджабборзода С.А.** – к.э.н., доцент кафедры таможенной деятельности ТГФЭУ, адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, тел: +992 903010301

Актуальность темы данной статьи заключается в рассмотрении правоохранительной деятельности таможенных органов, имеющей не только уголовно-правовую, но и административную особеностью. Подчеркивается, что таможенные органы занимают особое место как в целях правовой защиты, так и в целях экономики. Автором определена важные направления правоохранительной деятельности таможенных органов.

**Ключевые слова:** таможенные органы, право, оформление, контрабанда, наркотики, культурные ценности.

## ASPECTS OF LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES OF CUSTOMS AUTHORITIES

**Abdujabborzoda S.A**. – candidate of economic sciences, associate professor of the department of customs activities of TSFEU, address: 734067, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, tel: 992 903010301

The relevance of the topic of this article lies in the consideration of the law enforcement activities of customs authorities, which have not only criminal-legal, but also administrative specificity. It is emphasized that customs authorities occupy a special place both for the purposes of legal protection and for the purposes of the economy. The author defines important areas of law enforcement activities of customs authorities.

**Key words:** customs authorities, law, registration, smuggling, drugs, cultural values.

Мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҳарбикунондашудаи ҳифзи ҳуқуқ аст, ки бевосита фаъолияти гумрукиро амалӣ менамояд. Таъсиси мақомоти гумрук дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба замони Иттиҳоди шӯравӣ рост меояд. Аввалин маротиба дар ҳудуди Тоҷикистон 7 апрели соли 1987 шуъбаи фаврии назорати гумрукӣ дар Панҷи поён, ки қисмати Тоҷикистону Афғонистонро боҳам мепайваст, таъсис дода шуд, ки он аз нигоҳи маъмурӣ ба гумруки Термизи Ҷумҳурии Узбекистон тобеъ буд. Баъдан тибқи фармони Сарраёсати давлатии назорати гумрукӣ назди Девони Вазирони ИҶШС аз 28 майи соли 1989 гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати шахсии 41 нафар таъсис ёфт, ки бевосита ба Сарраёсат ва Девони Вазирони кишвари мо итоат мекард. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли

1992 мақомоти гумрук ҳамчун мақоми мустақил аз лаҳзаҳои таъсис то имрӯз ба ҳокимияти иҷроияи мамлакат шомил мебошад.

Мақомоти гумрук ҳамчун қисми таркибии мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, ҳимояи истиқлолият, амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Ба зиммаи ин мақомот фаъолияти комили гумрукӣ вогузор карда шудааст, ки пешбарандаи сиёсати ягонаи гумрукии ҷумҳурӣ махсуб ёфта, тартибу шартҳои интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ, ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ ва дигар воситаҳои татбиқи сиёсати гумрукиро дар амал татбиқ менамояд. Сарҳади гумрукӣ ҳудуди қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, параметрҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва анборҳои озод мебошанд.

Дар баробари ин, мақомоти гумрук қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, ташкилотҳо, давлат ва ҷомеаро низ таъмин менамояд.

Инчунин дар ҳолатҳои риоя нагардидани қоидаҳои гумрукию қочоқ ва қонунгузории андоз дар доираи салоҳияти худ чораҳои маҷбуркунии давлатиро истифода намуда, нисбати ашхоси гунаҳгор парвандаҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки мақомоти гумрук ҳам дар ҳадафҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳам иқтисодӣ чойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Гумрук дар амалҳои ҳифзи ҳуқуқии худ таъмини амнияти давлатӣ, ҳает ва саломатии одамон, муҳити табииро анҷом медиҳад. Салоҳиятҳои иқтисодии он бошад барои ғанигардонии қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ситонидани пардохтҳои гумрукию андозҳо, ҳавасмандгардонии иқтисодиёти ватанӣ, ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ тавассути муқаррар кардани квотаҳо, маҳдудиятҳо, тарифҳои гумрукӣ ба роҳ монда шудааст.

Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти гумрук бо Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиномаи интизомиии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои меъёрӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки тибқи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигар пешбинӣ гардида бошад, пас тибқи Конститутсия қоидаҳои шартномаи байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз, дар асоси талаботи моддаи 462 кодекси гумруки Чумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои асосии мақомоти гумрук инҳоянд: дар таҳияи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ин сиёсатро амалӣ менамояд; дар доираи салоҳияти худ ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд; риояи қонунгузориҳои гумрук ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки назорати иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта шудааст, амалӣ менамояд; дигар вазифаҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро мекунад.[1]

Мақомоти гумрук низоми ягонаи мутамарказро ташкил намуда, ба сохтори он дохил мешаванд:

-мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ;

---

[1] Кодекси гумруки Чумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, № 1746. 267С.

-идораҳои минтақавии гумрукӣ;

-гумрукҳо;

-дидбонгоҳҳои гумрукӣ;

Ба низоми мақомоти гумрук инчунин озмоишгоҳҳои гумрукӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои ҳисоббарорӣ ва дигар корхонаву ташкилотҳое, ки ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъанд, мансуб мебошад.

Кормандони Хадамоти гумрук ба ғайр аз вазифаҳои асосӣ барои пешгирӣ намудани интиқоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, яроқу лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, арзишҳои фарҳангӣ, маводи радиоактивӣ, намудҳои ҳайвоноту набототе, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд, узв ва маҳсули онҳо, объектҳои моликияти зеҳнӣ, инчунин ба мубориза и зидди терроризми байналмилалӣ ва пешгирӣ кардани дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти авиатсияи гражданӣ дар фурудгоҳҳо мусоидат менамоянд.

Дар асоси талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мақсади ошкор кардан, пешгирӣ намудан, роҳ надодан ва кушодани ҷиноятҳо, амалиёти таҳқиқӣ ва таъхирнопазири тафтишотӣ, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти салоҳияти мақомоти гумрук дониста шудааст, ошкор ва муайян намудани шахсоне, ки барои тайёр кардан, анҷом додан ва ҷиноят содир кардан гунаҳкоранд, амалӣ менамояд.

Дар низоми идоракунии давлатӣ мақомоти гумрук нақши муҳим ва калидиро иҷро мекунад. Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии ин мақоми ҳокимияти иҷроия якчанд самтҳои асосӣ дорад ва дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ба самтҳои асосии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук инчунин муқаррар кардани манъкунӣ ва маҳдудиятҳо нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо, ки тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, дохил мешаванд.

Вазифаи дигари ин мақомот, ки аз фаъолиятҳои ҳифзи ҳуқуқии онҳо бармеояд, ин додани иҷозатнома ва назорати тартиби риояи онҳо аз ҷониби ташкилоту корхонаҳо ҳангоми интиқоли шаҳрвандон, мошинҳои сабукрав ва боркаш, маҳсулоти гуногун тавассути сарҳади давлатиро дар бар мегирад.

Яке аз самтҳои асосие, ки мақомоти гумрук дар минтақаҳои убури гузаргоҳҳои назоратӣ дар сарҳад амалӣ менамояд, ин таҳти назорати гумрукӣ қарор додани молу воситаҳои нақлиёт ва мусофирони сарҳади давлатиро убуркунанда мебошад.

Гумрукчиен омори амалиети тиҷоратии иқтисодии хориҷиро пеш мебаранд, тартиб ва назоратро амалӣ мекунанд, ки барои гардиши бефосилаи мол тавассути сарҳад шароит фароҳам оварда мешавад.

Тадбирҳои маҷбуркунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук имконияти иҷрои чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Мисли дигар намояндагони ҳокимияти давлатӣ, кормандони хадамоти гумрук ҳуқуқ доранд, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда чораҳои гуногуни таъсиррасониро амалӣ намоянд: назорати гумрукии ҳуҷҷатҳо ва маълумоти шаҳрвандон, мансабдорон ва шахсони ҳуқуқӣ; ворид намудани маълумот ба низоми баҳисобгирӣ; тафтиши ашё ва молу маҳсулоти шахсӣ, тафтиши воситаҳои нақлиёт ва молҳои дар онҳо интиқолёфта.

Кормандони мақомоти гумрук ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ дар сурати вайрон кардани қонунгузорӣ ҳуқуқ доранд парвандаҳои ҷиноятиро оид ба мубориза бо қочоқ, гардиши ғайриқонунии антиқаҳо, ашёи қиматбаҳо, маводи мухаддир оғоз карда, ба дастгир кардани террористон мусоидат намуда, нисбати ҳуқуқвайронкунандагон чораҳои таъхирнопазири таҳқиқиро анҷом диҳанд.

Хамин тавр гумрук як зернизоми пурраи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки бо дигар сохторҳои ҳокимияти иҷроия, мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, соҳибкорон фаъолона ҳамкории зич дошта, ваколатҳои худро дар партви қонунҳои амалкунандаи мамлакат иҷро менамояд.

**Адабиёт**


1. Кузнецова Е.И. Конкурентоспособность национальной экономики как механизм обеспечения экономической безопасности государства // Государственная служба и кадры. 2016. № 2. С. 177–180.
2. Орлов А.В. Отдельные аспекты правоохранительной деятельности таможенных органов // Криминологический журнал №1 2021. -133с.
3. Паулов П.А. К вопросу о личном таможенном досмотре как форме таможенного контроля // Актуальные проблемы правоведения. - 2014. - №3-4 (43). - С. 76-79.
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, № 1746. 267С.


## ИСТИФОДАИ ИДОРАИ ТАВАККАЛ ДАР ТАКМИЛИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ГУМРУКӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ


**Абдуллоев Мирзо Муллоевич** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, полковники хадамоти гумрук: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64\4. Телефон 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru



Дар мақола механизми истифодаи ситстемаи идораи таваккал дар такмили барасмиятдарории гумрук ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.



**Вожаҳои калидӣ:** мақомоти гумрук, системаи идораи таваккал, барасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ, таҳлили муқоисавӣ, таъминоти иттилоотӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ РИСКАМИ ДЛЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ТАМОЖЕННОЙ ДЕКЛАРИРОВАНИЯ И ПОВЫШЕНИЯ ЭФЕКТИВНОСТИ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ


**Абдуллоев Мирзо Муллоевич** - кандидат философских наук, доцент кафедры таможенной деятельности Государственного университета финансов и экономики Таджикистана, полковник таможенной службы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/4. Телефон: 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru



В статье анализируются механизмы использования системы управления рисками для совершенствования таможенной декларирования и повышения эффективности таможенного

контроля при перемещении товаров и транспортных средств через таможенную границу Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** таможенные органы, система управления рисками, таможенное декларирование, таможенный контроль, сравнительный анализ, информационное обеспечение.

## USE OF THE RISK MANAGEMENT SYSTEM FOR IMPROVING CUSTOMS DECLARATION AND ENHANCING THE EFFICIENCY OF CUSTOMS CONTROL

**Abdulloev Mirzo Mulloevich -** candidate of philosophical sciences, associate professor of the department of customs activities of the State University of Finance and Economics of Tajikistan, colonel of the customs service. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/4. Phone: 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru

The article analyzes the mechanisms of using the risk management system to improve customs declaration and enhance the efficiency of customs control when moving goods and vehicles across the customs border of the Republic of Tajikistan.

**Keywords**: customs authorities, risk management system, customs declaration, customs control, comparative analysis, information support.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба танзимдарории савдои хориҷии кишвар накши муҳимро иҷро намуда, яке аз самтҳои афзалятноки он ташаккули шароити мусоид оид ба тезонидани гардиши мол ва васоити нақлиёт тавасути сарҳади гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадди аққал кам намудани мӯҳлати барасмиятдарории гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ мебошад.

Аз соли 2005 мавриди амал қарор гирифтани таҳрири нави Кодекси гумрукӣ Ҷумҳуриии Тоҷикистон бо тағийротҳои назаррас дар савдои хориҷӣ, ҷаҳонишавии глобализатсияи) иқтисодиёт, ҳалли масоили стратегияи нави сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, фаъолияти мақомоти гумруки кишвар низ ба таври назаррас дигар шуд.  Ҳамроҳшавии бошитоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонӣ ва барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ зарурияти такмили танзими гумрукиро ҳамчун унсури муҳим дар истифодаи шаклҳои мухталифи ҳамкориҳои иқтисодӣ ба миён овард. Аз ин лиҳоз мубрамии (актуальность) масоили танзимии фаъолияти мақомоти гумрук дар такмили қонунгузории гумруки кишвар ва барои иқтисодиёти тоҷикистон дар он марҳила, қадами муҳим арзёбӣ мешавад. Стандартҳои доиравии бехатарӣ ва осон гардонидани тиҷорати ҷаҳонӣ, ки Созмони умуиҷаҳонии Савдо, ки моҳи июни соли 2005 дар шаҳри Брюссель қабул гардииданд, қоидаҳои муайянеро нисбати интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ қабул намуданд, ки аз чор элементи асосӣ иборат мебошанд. Дар навбати аввал онҳо ҳамоҳангсозии талаботро нисбати огоҳсозии пешакии электронии борҳо ҳангоми воридот, содирот ва транзити он пешбинӣ мекунад. Дуввум, тамоми давлатҳои ба Стандартҳои доиравӣ ҳамроҳшапванда ӯҳдадорӣ мегиранд, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои бехатарӣ оид ба маасъалаҳои Идораи таваккал мунтазам наздик шаванд, аз ҷумла Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Савум, Стандартҳои номбаршуда талабу дархост менамоянд, ки аз рӯи дархости асосноки мамлакати қабулкунандаи мол, ки бо усулҳои муқоисавии мушоҳидакунии таваккал асос ёфтааст, маъмурияти гумруки давлати

ирсолкунанда муоинаи контейнер ва борҳои таваккали баланддоштаро ҳангоми содирот гузаронанд. Ин амалиёт бояд бо истифодаи дастгоҳҳои кашшофӣ (тачҳизотҳои рентгении калонҳаҷм ва детекторҳои радиоактивии калонҳаҷм) анҷом дода шавад.

Чаҳорум, дар системаи Стандартҳои доиравӣ имтиёзҳое муайян карда шудаанд, ки онҳоро Хадамоти гумрук ба ширкактҳои риоякунандаи стандартҳои минималии бехатарии силсилаи интиқоли молҳо ва истифодабарандаи усулҳои самаранокӣ корӣ пешниҳод менамоянд. Унсурҳои мазкур ба системаи созишномаҳо байни маъмуриятҳои гумрукӣ ва муносибатҳои ҳамкорӣ байни Хадамоти гуруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳоди соҳибкорӣ асос ёфта мавҷудияти иҷроиши амалҳоро бо фаҳмиши содда ва татбиқи фаврӣ дар сатҳи байналмилалӣ кафолат медиҳанд. Аз ин лиҳоз дар шароити муоссир ҷорӣ намудани технологияи нав дар фаъолияти гумруки кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ, алалхусус ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукии Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ (Конвенсияи Киото, таҳрири соли 199) маншаъ мегиранд, ки дар он яке аз унсурҳои асосии назорати самаранок, ин ҷорӣ намудани системаи идораи таваккал (минбаъд -СИТ) мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як узви созишномаҳои байналмилалӣ, бояд системаи қонунгузории миллӣ дар масалаҳои идоракунииии таваккалро мувофиқи талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ таҳия намояд. Созмони умумиҷаҳонии гумрук (World Customs Organization WCO) мунтазам таҷрибаи истифодаи Системаи идораи таваккалро дар мақомоти гумрукӣ дар соири кишварҳо ҷамъбаст мекунад. Хадамоти гумрук муносибатҳои расмии хусусияти машваратӣ доштаро бо иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ бо мақсади вусъат додани ҳамкориҳо ва осон гардонидани иштирок дар таҳияи усулҳои самараноктари корҳо, ки ба муқаррароти қонунгузории миллӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунанд, муайян ва дастгирӣ менамояд. Дар масоили декларатсияи мол тавияҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук чунин муқарраротро муаяйн намудааст:

- Мазмуни декларатсияи мол аз тарафи хадамоти гумрук муайян карда мешавад. Андозаи коғази декларатсияи мол бояд ба-намунаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мувофиқат кунад. Ҳангоми тозакунии автоматӣ андозаи декларатсияи мол, ки дар намуди электронӣ пешниҳод карда мешавад, ба стандартҳои байналмилалии мубодилаи электронии иттилоот асос меёбад, ки онҳо бо Тавсияҳо оид ба технологияҳои иттилоотии Шӯрои ҳамкории гумрукӣ муайян карда шудаанд.

- Хадамоти гумрук номгӯи маълумотеро, ки бояд ба декларатсия дохил карда шавад, танҳо бо он маълумоте маҳдуд менамояд, ки барои ҳисоб ва ситонидани боҷҳо ва андозҳо, ташаккули омор ва татбиқи қонунгузории гумрук зарур эътироф гардидаанд.

- Дар ҳолатҳое, ки бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, декларант ҳамаи маълумоти барои пур кардани декларатсияи мол лозимбударо надошта бошад, пешниҳод кардани декларатсияи пешакӣ ё нопурраи мол иҷозат дода мешавад, ба шарте, ки он маълумоти аз тарафи хадамоти гумрук зарур эътирофшударо дар бар гирифта бошад ва декларант ӯҳдадор шавад, ки онро дар мӯҳлати муқарраршуда пурра месозад.

- Агар Хадамоти гумрук декларатсияи пешакӣ ё нопурраи молро ба қайд гирад, танзими тарифии нисбати ин мол татбиқшаванда набояд аз оне, ки бояд дар сурати аз аввал пешниҳод гардидани декларатсияи пурра ва ба таври мувофиқ пуркардашудаи мол татбиқ мешуд, фарқ кунад. Иҷозати мол ба шарти пешниҳоди ҳама кафолатҳои матлуб, барои таъмини ситонидани ҳама гуна боҷҳо ва андозҳои татбиқшаванда боздошта намешавад.

• Хадамоти гумрук пешниҳод намудани нусхаи аслии декларатсияи мол ва танҳо теъдоди ками нусхаҳои зарурии дигари онро талаб мекунад. Баҳри тасдиқи декларатсияи мол хадамоти гумрук танҳо он ҳуҷҷатҳоеро талаб мекунад, ки барои амалӣ намудани назорати амалиёт ва таъмини риояи ҳамаи талаботҳо оид ба татбиқи қонунгузории гумрук заруранд.

• Хадамоти гумрук пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро бо ёрии воситаҳои электронии алоқа иҷозат медиҳад ва тарҷумаи маълумоти дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда сабтшударо талаб намекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин барои коркарди декларатсияи мол зарур бошад.

• Хадамоти гумрук ба декларант иҷозат медиҳад, ки ба декларатсияи мол тағйирот ворид созад, агар дархост пас аз оғози тафтиши декларатсияи мол гирифта шавад ва ба шарте, ки сабабҳои зикрнамудаи декларант аз тарафи хадамоти гумрук асоснок дониста шаванд.

Дар масъалаи назорати гумрукӣ бошад ҷиҳати самарабахшии назорати гумрукӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

• Ҳамаи молҳо, аз ҷумла воситаҳои нақлиёте, ки ба қаламрави гумрукӣ дохил ва ё аз он хориҷ мешаванд, новобаста аз он ки боҷу андозбандӣ мешаванд ё не, бояд таҳти назорати гумрукӣ қарор гиранд.Назорати гумрукӣ ба ҳадди ақали барои таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ зарурбуда расонида мешавад.

• Ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ хадамоти гумрук системаи идораи таваккалро истифода мебарад.Хадамоти гумрук таҳлили таваккалро барои муайян намудани шахсон ва молҳо, аз ҷумла воситаҳои нақлиёте, ки бояд тафтиш карда шаванд ва барои муайян кардани дараҷаи чунин тафтиш татбиқ мекунад.Хадамоти гумрук стратегияи баҳодиҳии дараҷаи риояи қонунгузориро бо мақсади тақвияти системаи идораи таваккал қабул мекунад.

• Системаҳои назорати гумрукӣ назоратро дар асоси усулҳои аудит дар бар мегиранд.Бо мақсади такмили назорати гумрукӣ хадамоти гумрук барои ҳамкорӣ бо маъмуриятҳои гумрукии дигар ва бастани созишномаҳо оид ба кӯмаки ҳамдигарии маъмурӣ ҷидду ҷаҳд мекунад.Бо мақсади такмили назорати гумрукӣ хадамоти гумрук барои ҳамкорӣ бо иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ ва бастани меморандуми ҳусни тафоҳум ҷидду ҷаҳд мекунад.

• Бо мақсади такмили назорати гумрукӣ Хадамоти гумрук дар ҳама ҳолатҳое, ки ин имконпазир бошад, технологияҳои иттилоотӣ ва тиҷорати электрониро истифода мекунад.Хадамоти гумрук системаҳои тиҷоратии иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратиро дар ҳолатҳое баҳо медиҳад, ки чунин системаҳо бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати онҳо бо талаботи Хадамоти гумрук ба амалиёти гумрукӣ таъсир мерасонанд.

уқтаҳои зарурии системаи идораи таваккал дар иртибот бо амалиётҳои гумрукӣ, мустақиман дар боби 6-миИловаи умумии Конвенсияи Киото муайян шудааст, ки дар он бандҳои зерин тасдиқ шудаанд. Дар қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Кодекси гумрук, боби 52, моддаҳои 427- 429) мафҳуми умумӣ ва мақсади истифодаи идораи таваккал ифода ёфтааст, ки дар он таваккал дараҷаи эҳтимолияти риоя накардани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мумкин аст ба давлат зарар орад. Идораи таваккал бошад ин тарзи истифодаи тадбирҳои пешгирӣ мебошад, ки имконият медиҳанд, усулҳои назорат барои пешакӣ огоҳонидани таваккал муайян карда шаванд.

Мақсади истифодаи он низ дар се банд инъикос карда шудааст:

1) тавачҷӯҳ ба соҳаи таваккали ғайримуқаррарӣ ва самараноктар истифода кардани захираҳои дар ихтиёрдошта;

2) зиёд кардани имконияти ошкор сохтани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

3) барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя мекунанд, муҳайё намудани шароити мусоид ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

авоварӣ дар қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат мебошад, ки мақомоти гумрук аз гузаронидани назорати гумрукии пурра, ба гузаронидани назорати гумрукии интихобӣ мегузаранд, ки ба системаи идораи таваккал асос меёбад. Бояд қайд намуд, ки системаи мазкур дар фаъолияти мақомоти гумрук баъди қабули ҳамин Кодекс аз соли 2005 мавриди амал қарор дода шуда, пас аз ҷорӣ кардани барномаи компютерии зерсистемаи идораи таваккали Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шудааст. Татбиқи системаи идораи таваккал дар фаъолияти мақомоти гумрук имкон медиҳад, ки байни таъмини назорати самараноки риояи қонунгузории гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии мамлакат ва рушди тиҷорати хориҷӣ як мувозинате муқаррар карда шавад. Рӯйхати нишондиҳандаҳои таваккал, меъёри муайян намудан ва татбиқ кардани онҳо аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад. Рӯйхати муқарраргардидаи нишондиҳандаҳои таваккал дар рафти назорати гумрукӣ барои татбиқи усулҳои гуногуни назорати гумрукӣ аз тарафи мақомоти гумрук истифода мешавад ва барои маҳдуд кардани интиқоли мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос шуда наметавонад. Рӯйхати мазкур маълумоти махфӣ мебошад. Бо пешниҳоди воҳидҳои минтақавии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ рӯйхати нишондиҳандаҳои таваккал бо назардошти вазъи фаврии баамаломада дар ҳамаи давраи амали онҳо метавонад иваз карда шавад. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бошад ҷамъоварӣ, ҷамъбаст, таҳлили маълумоти оморӣ ва фавриро оид ба содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла - ҳамаи далелҳои ҳуқуқвайронкуниро, ки дар марҳалаи тафтиш қарор доранд, инчунин нисбати онҳо қарори мурофиави қабул шудаанд, анҷом медиҳад.

Ҳамин тариқ тибқи қонунгузориии амалкунандаи мақомоти гумрук Системаи идораи таваккал (СИТ) – ин системаи маъмуригардонии гумрук мебошад, ки иҷрои назорати самараноки гумрукиро аз рӯи принсипҳои интихобӣ таъмин мекунад ва ба тақсими муносиби манбаъҳои мақомоти гумрук дар самтҳои муҳимтар ва афзалиятноки фаъолияти мақомоти гумрукро барои пешгирӣ намудани вайронкуниҳои қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти устувор ва хусусияти ба ҷамъият хавфнок доранд; ба саркашӣ кардан аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо дар ҳаҷми калон алоқамананданд; рақобатпазирии мол ва истеҳсолкунандагони ватаниро халалдор месозанд; ба дигар манфиатҳоии муҳими давлатр, ки таъмини риояи онҳо ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта шудааст, мудохила мекунанд, асос ёфтааст. Системаи идораи таваккал (СИТ) бояд яке аз ҷузъҳои асосӣ дар кори мутобиқ сохтани расмиёти назорати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мизонҳои (критерияҳои) сифати маъмуригардонии гумрукӣ, ки стандартҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо пешбинӣ намудаанд, аз ҷумла: кӯтоҳ намудани мӯҳлати барасмиятдарории гумрукӣ; шаффоф ва пешгӯишаванда будани кори мақомоти гумрук барои иштирокчиёни фаъолияти имктисоди хориҷӣ; муносибати бо эҳтиромона ва муомилаи

шарикона дар муносибатҳои мақомоти гумрук бо иштирокчиёни фаъолияти имктисоди хориҷӣ; назорати гумрукба ҳадди ақале, ки барои таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ зарур аст, маҳдуд карда шавад. ҳангоми интихоби навъи назорати гумрукӣ Системаи идораи таваккал (СИТ) бояд истифода карда шавад, асоснок карда шуданд.

**Давлатов Фараход Халимови -** старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного университета финансов и экономики, 734067, С. Душанбе, улица. Нахимов, 64/14, тел.: (+992) 918677747, E-mail: farhod_ra@mail.ru

В статье рассматриваются вопросы повышения роли свободных экономических зон Хатлонской области в повышении уровня благосостояния населения региона. По мнению автора, создание свободных экономических зон в Хатлонской области будет способствовать развитию и процветанию страны, экономическому прогрессу, созданию благоприятного инвестиционного климата, широкому использованию экономических возможностей, созданию новых рабочих мест, а также использованию современных технологий и вхождению в мировые экономические интеграционные процессы.

**Ключевые слова:** Свободные экономические зоны, развитие производственных отношений, инвестиции, рост доходов населения, благоприятный инвестиционный климат, таможенные и налоговые льготы, сокращение бедности, региональная экономика, обеспеченность трудовыми ресурсами.

## IMPROVING THE MECHANISM FOR DEVELOPING THE ACTIVITIES OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE KHATLON REGION

**Davlatov Farkhod Khalimovich -** Senior Lecturer at the Department of Customs Affairs, Tajik State University of Finance and Economics, 734067, Dushanbe, ul. Nakhimov, 64/14, phone: (+992) 918677747, E-mail: farhod_ra@mail.ru

The article discusses the issues of increasing the role of free economic zones in the Khatlon region in raising the level of well-being of the region's population. According to the author, the creation of free economic zones in the Khatlon region will contribute to the development and prosperity of the country, economic progress, the creation of a favorable investment climate, the widespread use of economic opportunities, the creation of new jobs, as well as the use of modern technologies and entry into global economic integration processes.

**Keywords:** Free economic zones, development of industrial relations, investments, growth of population incomes, favorable investment climate, customs and tax incentives, poverty reduction, regional economy, labor force availability.

Яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти хоҷагидории минтақа дар шароити кунунӣ такмили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шарти муҳими рушди муносибатҳои тиҷоративу истеҳсолӣ ба шумор меравад. Бояд қайд ки, ки имкониятҳои Тоҷикистон барои ташаккули шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, таъсис ва рушди МОИ хеле васеъ мебошанд. Мавчудияти захираҳои табиӣ, захираҳои калони мехнатӣ, инчунин дар минтақаи Хатлон барқарорсозии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Точикистон барои ташаккул ва тараккиёт шаклҳои гуногуни МОИ дар оянда имкониятҳои калонро доро мебошад.

Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳо гуногун аст, вале дар маҷмӯъ онҳо ҳамчун воситаи мусоидат ба рушди иқтисод ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ амалӣ мешаванд.

Яке аз бартариҳои аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар он аст, ки онҳо метавонанд ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар минтақаҳое, ки ба таври дигар ҷалби сармоя надоранд, мусоидат кунанд. Махсусан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ин чиз аз нуқтаи назари таъмини рушди иқтисодӣ муҳим мебошад.

Ба шарофати таъсиси МОИ дар минтақаҳои харобшуда, минтақаҳое, ки инфрасохторашон рушднаёфтаанд, имкон медиҳад, ки ин минтақаҳо аз депрессия раҳо шаванд, ва инчунин вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди индустриалӣ-инноватсионии минтақаҳо беҳтар шавад. Ба ақидаи гурӯҳи муаллифон, Бобоҷонов Р.М., Аминҷонов Р.М., Алимов А.Л., Сафаров А.М. минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба навсозии технологияҳо, ба даст овардани ноу-хау, омӯзонидани мутахассисон ва коргарон дар шаклҳои нави ташкили меҳнат, инчунин истифодаи ашёи хоми худӣ барои истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва таъмини пурратар бо кор таъмин намудани кувваи коргарӣ мусоидаткунанда мебошад.[3]

Минтақаҳои озоди иқтисодии Вилояти Хатлон барои баланд бардоштани сифати истеҳсот, руши тиҷорат ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, ки бевосита барои баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии минтақа равона гардидаанд, пояи устувор хоҳад гузошт.

Хусусиятҳои рушди саноатии ҳар як давлат аз инҳо иборат мебошад:

- кам кардани тафовути иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти давлатӣ;
- тағйир додани тартиботи ҷамъиятӣ ва чаҳонбинӣ;
- афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва ба он вобаста;
- афзоиши даромади аҳолӣ;
- ташкили бозори ҷаҳонии иқтисодӣ;
- пайдоиш ва афзоиши сармоягузориҳо ва афзоиши минбаъдаи иқтисодии суботи молиявии миллӣ;
- стандартизатсияи амалиёти истеҳсолӣ ва тақсимоти меҳнат.[4]

Барои баланд бардоштани нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон як қатор роҳҳое ҳастанд, ки истифодаи самараноки онҳо барои рушди соҳа заминаи устувор хоҳад гузошт. Аввалан, татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, озодкунӣ аз андоз ё муқарраroти сабук, ва рушди соҳибкории хуру миёна. Дуюм, беҳбуди инфрасохтор ва пайвастшавӣ дар дохили ин минтақаҳо ва атрофи он метавонад ҷолибияти онҳоро ҳамчун макони истеҳсолот ва тиҷорат афзоиш диҳад.

**Ҷадвали 1 - Шартҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди МОИ**

| | |
|---|---|
| Шароитҳои табиӣ | Мавҷудияти объектҳои табиӣ дар ҳудуди МОИ ба монанди ҷангалҳо, обанборҳо, хусусиятҳои иқлимии қаламрави МОИ, наздик будани МОИ ба марказҳои саноатӣ ва ашёи хоми кишвар,дастрасӣ ба фурудгоҳҳо ва сарҳад |

[3] Бабаджанов Р.М., Аминджанов Р.М., Алимов А.Л., Сафаров А.М. Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-экономического развития (по результатам социо-экономического исследования). – Душанбе: ГУП «МАТБАА», 2021. - 135 с.
[4] Юсупова, М. А. Роль СЭЗ в индустриально-инновационном развитии регионов / М. А. Юсупова // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 2. – С.226

| | |
|---|---|
| Шароитҳои иқтисодӣ | Вазъияти умумии иктисодиёти мамлакат, мавчуд будани шароити иктисодии минтака барои рушди фаъолияти бозор, сатҳи рушди низоми бонкӣ, дарачаи рушди инфрасохтор, наздикии корхонахои калони ҳозиразамон мавҷудияти бонкҳои сармоягузорӣ, ки мехоҳанд дар татбиқи лоиҳаҳо ширкат намоянд |
| Шароитҳои махсус | Ҷойгиршавии МОИ, мавҷудият ва сифати захираҳои истеҳсолӣ (сатҳ ва ихтисоси кувваи коргарӣ, мавчуд будани корхонахои саноатй ва иқтидори энергетикӣ, хусусиятҳои шароити табий, иқтисодӣ, мавҷудият ва сифати иқтидори илмӣ |

Сарчашма. Таҳияи муаллиф

Барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти МОИ боз бисёр шароитхои дигар низ мавчуд мебшанд. Точикистон дорои захираҳои бойи табий ва иқтисодӣ буда, барои рушди фаъолияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ метавонад, заминаи устувори молиявию иқтисодӣ гузорад.

Баъзе минтақаҳои кишвар, аз ҷумла Вилояти Хатлон имкониятхои инкишофи минтақаҳои махсуси иктисодӣ дар шакли табиӣ шароити ҷуғрфӣ, мавчуд будани сарватхои табий беназир дорад. Инкишофи ин самт на танхо барои баркарор намудани иктисодиёти минтақа, балки мустахкам намудани мавқеи кишварро умуман дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат мекунад.

Як қатор шартҳои асосиро қайд кардан зарур аст, ки метавонанд барои фаъолияти МОИ минтақавӣ дар Вилояти Хатлон самаранок бошанд. Аз ин лиҳоз, дар кор масъалаҳои таҳлили махсус дар асоси фаъолияти минтакаи иктисодй ва минтакахои Вилояти Хатлон муқоиса карда мешаванд. Минтақаҳои махсуси иқтисодии Вилояти Хатлон ҳадафҳои умумии зеринро доранд.

-пешгирии хавфҳои муосир дар шароити номуайянии рушди иқтисодиёти ҷаҳон;

- ташкил додани объектхои бозори туристӣ бо рушди объектҳои инфраструктура, беҳтарсозии холати мухити зист;

- назорати муассир аз болои самаранокии маблағҳои ҷудошуда ва

таъмини риояи талаботи санадҳои қонунгузорӣ;

-диверсификатсияи истеҳсолоти маҳсулот ва таъмини робитаи рушди минтақа бо дигар минтақаҳо ва инчунинибаланд бардоштани суръати тараккиёти иктисодиёт ва дарачаи зиндагонии вилоят;

-ҳамоҳангсозии рушди деҳот бо рушди соҳибкории хурду миёна ва инчунин сайёҳӣ дар минтақа, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя, технология ва афзоиши экспорт;

- рушди истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда дар қаламрави МОИ ва инкишоф додани шаклхои нави хочагидорй дар шароити гузаштан ба муносибатҳои бозоргонӣ;

Таъмини нақшаи минтақаи мазкур бояд дар тағйироти мушаххаси минтақавӣ, дар асоси имкониятҳои мавҷудбуда (шароити дохилии вилоят, максаднок будани имтиёзу хавасмандгардонии додашуда) зоҳир карда шавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки нақшаи минтақаҳои махсуси иқтисодии кишвар бояд манфиатҳои се ҷонибҳои манфиатдор давлат, минтақа ва сармояи хориҷӣ ба назар гирифта шавад ва ба таъмини бехтрии миллӣ бояд бартарият дода шавад. Як ҷузъи муҳими таъмини самаранокӣ фаъолияти минтақаи иқтисодӣ мавҷудияти заминаи инкишофёфта ва устувори меъёрии ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама, инфрасохториву молиявӣ бошад.

Мутахассисон ва олимони иқтисоддон бар он назаранд, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ камбудиҳои эҳтимолӣ метавонанд баъзе монеъаҳоро эҷод кунанд ва на ҳамеша ба фоидаи пешбинишудаи иқтисодӣ оварда мерасонанд. Бо мушкилотҳо ва хавфҳои зиёд, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли ҷалби сармоя дар саросари ҷаҳон омили ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ боқӣ мемонанд.

Ба мушкилотҳои асосии рушди фаъолияти МОИ инҳо дохил мешаванд:

-норасоии мутахассисон ва дарачаи пасти сатҳи касбияти коргарони истехсолот ва идоракунӣ;

- номукаммалии қонунгузорӣ ва маблағгузории нокифояи инфрасохтор ва сатҳи пасти он;

-расмиёти бюрократӣ, таъхири иҷозатномадиҳӣ ва рақобати ноодилона;

- шабакаҳои нокифояи нақлиёт ё дастрасии маҳдуд ба нерӯи барқ ва об;

-сатҳи пасти маданияти молиявӣ ва дуруст дарк накардани қонуниятҳои иқтисодиёти бозоргонӣ;

-мунокишаҳо ва нооромиҳои сиёсӣ ва монанди инҳо.

Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди прогресивӣ чунин камбудиҳо барои ҳамаи кишварҳои муосир хос буда, мақомотҳои дахлдор ва иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ барои пешгирии онҳо мунтаззам чораҷуйи менамоянд.

Ҳамгироии иқтисодиёти минтақа ба фазои иқтисодии Тоҷикистон, таъмини дастрасии нақлиёт, рушди МОИ ва рафъи маҳдудиятҳои инфрасохторӣ бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо татбиқи

рафъи маҳдудиятҳо дар инфрасохтори нақлиётӣ, беҳтар кардани сифати таъмини нерӯи барқ дар минтақа, рушди соҳаи иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди устувори иқтисодӣ ташаккул ва рушди инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ, иҷтимоӣ ва телекоммуникатсионӣ, истифодаи самараноки неруи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ва инчунин фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ имконпазир мегардад.

**Адабиёт**

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.02.2019 таҳти рақами №74 Дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим ва Данғара. манбаи электронӣ_URL: fez.tj/tj/about_sez/ санаи муроҷиат 12.06.2019.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25.03.2011. манбаи электронӣ URL: secretariat@investmentcouncil.tj санаи муроҷиат 12.06.2019.

3. Бабаджанов Р.М., Аминджанов Р.М., Алимов А.Л., Сафаров А.М. Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-экономического развития (по результатам социо-экономического исследования). – Душанбе: ГУП «МАТБАА», 2021. - 135 с.

4. Юсупова, М. А. Роль СЭЗ в индустриально-инновационном развитии регионов / М. А. Юсупова // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 2. – С.226

5. Манбаи электронӣ URL:http://fez.tj/tj/about_sez/43-mintaai-ozodi-itisodii-ishkoshim.html. санаи муроҷиат 6.10.2023.
6. Манбаи электронӣ URL:http://fez.tj/tj/about_sez/42-mintaai-ozodi-itisodii-danrara.html санаи муроҷиат 10.11.2024.

## ТАНОСУБИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

**Давлатов Ф.С.** - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

**Мамадбекова Н.А.** - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

Дар мақола муаллифон кӯшиш намудаанд, ки тадбирҳои ҳуқуқии танзимкунандаи назорати гумрукиро муайян намоянд ва дар амал ба ҳамдигар алоқаи мустаҳкам доштани назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукиро исбот намоянд.

Муаллифон бар он ақидаанд, ки масъалаҳои такмили фаъолияти гумрукиро мақомоти гумрук дар чаҳорчӯбаи тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл мекунад. Чунончи, созмонҳои байналмилалӣ ифодагари ғояҳои муосири назорати гумрукӣ (инноватсионӣ, холисона, боэътимод будани назорати гумрукӣ ва ҳамкорӣ) мебошанд ва технологияи расмиёти гумрукиро бо истифода аз як қатор принсипҳо пешниҳод мекунанд, ки дар мақола оварда шудаанд.

Дар мақола гуфта мешавад, ки самтҳои асосии фаъолияти гумрукӣ дар асоси принсипҳои қонуният, ошкорбаёнӣ, илмӣ, ахлоқ ва баробарии ҳама дар назди қонун, риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, эҳтироми урфу одатҳои миллӣ ва динии онҳо сохта шуда заминаи қонунгузории фаъолияти гумрукиро санадҳои байналмилалӣ, Кодекси гумрук, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои мақомоти гумрук ташкил медиҳанд.

**Калидвожаҳо:** назорати гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, сарҳади гумрукӣ, шаклҳои назорати гумрукӣ, молу воситаҳои нақлиёт, санадҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, стандартҳои давлатӣ, принсипҳои инноватсионӣ, принсипҳои технологӣ, амнияти радиатсионӣ.

## СООТНОШЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ И МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРАВОВЫХ АКТОВ В РЕГУЛИРОВАНИИ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ

**Давлатов Ф.С.** - старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

**Мамадбекова Н.А.** - старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

В статье авторами предпринята попытка определения правовых мер регулирования

таможенного контроля и обоснования тесной практической взаимосвязи таможенного контроля и таможенного оформления.

Авторы считают, что таможенные органы решают вопросы совершенствования таможенного дела в рамках рекомендаций международных организаций. Так, международные организации выражают современные принципы таможенного контроля (инновационность, объективность, достоверность таможенного контроля и сотрудничество) и предлагают технологию таможенного контроля на их основе.

В статье констатируется, что основные направления таможенного контроля построены на принципах законности, гласности, научной обоснованности, этичности и равенства всех перед законом, соблюдения конституционных прав и свобод человека, национальных и религиозных традиций, а их конституционную основу составляют международно-правовые акты, Таможенный кодекс, Конституция и законы Республики Таджикистан, подзаконные акты правительства и таможенных органов.

**Ключевые слова:** таможенный контроль, таможенное оформление, таможенная граница, таможенный осмотр товаров и транспортных средств, таможенная процедура, международное законодательство (акты), юридические лица, индивидуальные предприниматели, государственные стандарты, инновационные принципы, технологические принципы, радиационная безопасность.

## THE RELATIONSHIP BETWEEN NATIONAL AND INTERNATIONAL LEGAL ACTS IN THE REGULATION OF CUSTOMS CONTROL

**Davlatov F.S.** - Senior Lecturer, Department of Customs Affairs, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

**Mamadbekova N.A.** - Senior Lecturer, Department of Customs Affairs, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

In the article, the authors attempt to define legal measures to regulate customs control and justify the close practical relationship between customs control and customs clearance.

The authors believe that customs authorities resolve issues of improving customs within the framework of recommendations of international organizations. Thus, international organizations express modern principles of customs control (innovation, objectivity, reliability of customs control and cooperation) and offer customs control technology based on them.

The article states that the main directions of customs control are based on the principles of legality, transparency, scientific validity, ethics and equality of all before the law, observance of constitutional human rights and freedoms, national and religious traditions, and their constitutional basis is formed by international legal acts, the Customs Code, the Constitution and laws of the Republic of Tajikistan, by-laws of the government and customs authorities.

**Keywords:** customs control, customs clearance, customs border, customs inspection of goods and vehicles, customs procedure, international legislation (acts), legal entities, individual entrepreneurs, state standards, innovative principles, technological principles, radiation safety.

Яке аз равандҳои муҳими расмиёти гумрукӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ мебошад. Ҳама гуна молу воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешавад, мавриди

барасмиятдарории гумрукӣ ва таҳти назорати гумрукӣ қарор мегирад. Яъне, барасмиятдарории гумрукӣ ин амалҳои таҳти низоми муайяни гумрукӣ ҷойгир намудани молу воситаҳои нақлиёт ва анҷоми амали ин низомро дар бар мегирад. Ҳамзамон, барасмиятдарории гумрукӣ ин амалҳои шахсони мансабдори мақомоти гумрук аст, ки барои таъмини риояи қонунгузории амалкунанда ва тартиби муқарраршудаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар амал назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ ба ҳамдигар алоқаи мустаҳкам доранд ва яке бе дигаре буда наметавонад, чунончи, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба мақомоти гумрук ҳатман мавриди тафтиш қарор дода шуда, азназаргузаронии молу воситаҳои нақлиёт низ иҷро карда мешавад. Бидуни назорати гумрукӣ анҷом додани барасмиятдарории гумрукӣ кори беҳуда аст.

Масъалаҳои такмили фаъолияти гумрукиро мақомоти гумрук дар чаҳорчӯбаи тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ (СУГ) ҳаллу фасл мекунад. Санади муҳимтарини СУГ Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи содагардонӣ ва ҳамоҳангии расмиёти гумрукӣ мебошад, ки соли 1973 дар Киото қабул шудааст. Таҳрири нави Конвенсияро кодекс (низомнома)-и байналмилалии гумрук донистан мумкин аст, ки ба эҷоди шароити зарурӣ баҳри рушди тиҷорати пурсамари берунӣ, аз ҷумла тавассути содагардонию ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ равона шудааст.

Мақомоти гумрук дар фаъолияти худ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқие амал мекунанд, ки ба зинаҳои гуногун мансуб мебошанд, чунончӣ:

Зинаи якум - санадҳои байналмилалӣ, Конвенсияи Киото аз соли 1973, тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ. Зинаи дуюм - Кодекси гумрук, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми амалисозии назорати давлатӣ», «Дар бораи таъмини ягонагии ченакҳо», «Дар бораи танзими техникӣ» ва ғайра. Зинаи сеюм - санадҳои зерқонунӣ, Фармонҳои Президент, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои давлатӣ, низомномаву дастурҳои мақомоти давлатӣ. Масалан, назорати радиатсиониро мақомоти гумрук тибқи «Қоидаҳои санитарии таъмини амнияти радиатсионӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ мекунанд. Ба зинаи сеюм ҳуҷҷатҳои идории Хадамоти гумрук, яъне фармоиш, дастур, низомнома, маводи методӣ ва амсоли инҳо, дохил мешаванд. Онҳо тартиби фаъолияти кормандони гумрукро асоснок мекунанд.

Конвенсияи Киото тамои ғояҳои назорати гумрукии муосир (инноватсионӣ, холисона, боэътимод будани назорати гумрукӣ ва ҳамкорӣ)-ро инъикос мекунад мебошад, зеро технологияи расмиёти гумрукиро бо истифода аз принсипҳои зерин пешниҳод мекунад:

- гузариш ба системаҳои автоматикунонидашудаи назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ тавассути интиқоли электронии маълумот;
- истифодабарии ҳуҷҷатҳои электронӣ;
- ҷорӣ кардани системаи идораи таваккал;
- муайян кардани тартиби дақиқ ҳангоми татбиқи технологияи назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ (аз ҷумла қоидаи равзанаи ягона) ва ҳангоми баҳсҳое, ки дар рафти ин амалҳо (расмиёт) ба миён меоянд;
- таъсис додани системаи иттилоотии дастраси ҳамагон оид ба қонунгузории гумруки барои ҳама ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

Ҷорикунии ин принсипҳои инноватсионии технологӣ, ки ба таҷрибаи ҷаҳонӣ асос меёбанд, ба мақомоти гумрук имкон медиҳад, ки таъсири омили инсониро ҳангоми тасмимгирии оид ба назорати гумрукӣ коҳиш диҳад, суръати гузаронидани расмиёти назорати гумрукӣро афзояд, вақти назорати гумрукӣ ва барасмиятдарориро кам ва самаранокии кори мақомоти гумрукро баланд кунад.

Таъмини меъёрии ҳуқуқии назорати давлатӣ, тартиби ташкил ва баргузории он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми амалисозии назорати давлатӣ» мустаҳкам шудааст. Аммо таҳлили банди 4-и моддаи 1 ин қонун, ки соҳаи истифодаи онро муқаррар мекунад, аз баъзе хусусиятҳои назорати гумрукӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ба навъи ашё, асосҳои санҷиш, мӯҳлату даврабандии санҷишҳо, огоҳинома дар бораи гузаронидани санҷиши ғайринақшавии сайёр дахл доранд. Онҳо мумкин аст бо қонунҳои дигар ҳам муқаррар шаванд ва ин комилан дуруст аст, зеро назорати гумрукӣ аз навъҳои дигари назорати давлатӣ фарқияти ҷиддӣ дорад.

Предмети санҷиши назорати давлатӣ дар доираи қонуни мазкур фаъолият (амал, беамалӣ)-и шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Предмети назорати гумрукӣ гуногунрангтар аст. Мутобиқи қисми 1-и моддаи 13 Кодекси гумрук назорати гумрукиро шахсони мансабдори мақомоти гумрук нисбати объектҳои зерин мегузаронанд:

- мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода ва тибқи талаботи Кодекси гумрук декларатсия карда мешаванд;
- декларатсияи гумрукӣ, ҳуҷҷату маълумоте, ки пешниҳод карданашон тибқи қонунгузории гумрук пешбинӣ шудааст;
- фаъолияти шахсон, ки бо интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ, амалҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ алоқаманданд, инчунин фаъолияте, ки дар доираи расмиёти алоҳидаи гумрукӣ амалӣ карда мешавад;
- шахсоне, ки аз сарҳади гумрукӣ убур мекунанд.

Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми амалисозии назорати давлатӣ» танҳо як усули назорат - гузаронидани санҷишро муқаррар мекунад. Мақомоти гумрук якчанд шакли назорати гумрукиро истифода мебаранд, ки бо усулу воситаҳои гуногун гузаронида мешаванд. Санҷишҳои нақшавӣ, мутобиқи қонуни мазкур на бештар аз як маротиба дар се сол гузаронида мешаванд. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мӯҳлатро барои назорати гумрукӣ муқаррар намекунад ва ин табиист. Аз рӯи вақт назорати гумрукӣ ба назорати пешакӣ (дар сурати декларатсиякунии пешакӣ), ҷорӣ (барои молу воситаҳои нақлиёти ворид ва содиршаванда), баъдӣ (баъди иҷозати мол) тақсим мешавад. Зимнан даври чорабиниҳои назорат танҳо барои назорати баъдӣ маҳдуд карда шудааст.

Мазмуни назорати гумрукӣ бинобар моҳияту тартиби гузаронидани он сохти мураккаб дорад. Дар моддаи 407 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳ шакли назорати гумрукӣ муқаррар шудааст, ки онҳо шакли мурофиавии иҷрои чорабиниҳои назоратиро ташкил медиҳанд.

Ҳар шакли назорати гумрукиро чун расмиёти мустақили маъмурӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки бо вазифаю предмети хос, тартиби махсуси гузаронидан, маҷмӯи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мақомоти гумрук ва шахсони тафтишшаванда тавсиф меёбанд.

Аз лиҳози моҳияти ҳуқуқии худ ин шаклҳои назорат якранг нестанд. Масалан,

тафтиши ҳуҷҷату маълумот, азназаргузаронии гумрукӣ, муоинаи гумрукӣ, тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, азназаргузаронии гумрукии бино ва ҳудуд, санҷиши гумрукӣ чорабиниҳои санҷишӣ буда, ҳангоми он мувофиқати объекти назорат ба талаботи қонунгузории гумрук тафтиш карда мешавад. Маҳз ҳамин гурӯҳи шаклҳои назорати гумрукӣ бо предмети танзими низомномаҳои маъмурӣ фаро гирифта мешавад.

Шаклҳои дигари назорати гумрукӣ аз чорабиниҳои санҷишӣ фарқ доранд. Масалан, асоси гирифтани тавзеҳот, пурсиши шифоҳиро тадқиқи ягон маълумот ё гирифтани маълумоти иловагӣ, ки барои гузаронидани назорати гумрукӣ лозим аст, ташкил медиҳад.

Шакли мушаххаси назорати гумрукӣ ҳаҷми гуногуни амалҳои маъмурии дар ҷараёни он иҷрошаванда ва мувофиқан, тафсилоти гуногуни танзими ҳуқуқии онро муайян мекунад. Чӣ қадаре ки шакли назорати гумрукӣ мураккабтар бошад, ҳамон миқдор меъёрҳои танзимкунандааш бештаранд. Масалан, барои шаклҳои оддитарини назорати гумрукӣ - пурсиши шифоҳӣ (моддаи 409 Кодекси гумрук), гирифтани тазеҳот (моддаи 410 Кодекси гумрук), мушоҳидаи гумрукӣ (моддаи 411 Кодекси гумрук) фақат як ё ду банди кӯтоҳи моддаи Кодекси гумрук ҷудо карда шудааст, ки моҳияташонро шарҳ медиҳанд. Тафсилоти бештари тарзи гузаронидани онҳо шарҳ дода нашудааст.

Ба шаклҳои дигари назорати гумрукӣ дар қонунгузорӣ диққати бештар дода шудааст. Масалан, танзими меъёрии тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, дар онҳо мавҷуд будани нишонаҳои ҳаммонандсозӣ (моддаи 415 Кодекси гумрук) шаш банд, азназаргузаронии бино ва ҳудуди он (моддаи 417 Кодекси гумрук) ҳафт бандро дар бар мегирад.

Аксарияти санадҳои ҳуқуқии муқарраркунандаи тартиби татбиқи шаклҳои алоҳидаи назорати гумрукиро мақомоти гумрук бо ташаббуси худ қабул мекунад, ки ин аз аҳамияти амалии танзими якхелаи чорабиниҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти гумрук гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон азназаргузаронии гумрукӣ (моддаи 412 Кодекси гумрук), тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, дар онҳо мавҷуд будани воситаҳои ҳаммонандсозӣ (моддаи 415 Кодекси гумрук) аз доираи меъёрэҷодкунии мақомоти гумрук берун мондаанд.

Назорати гумрукӣ дар минтақаҳои назорати гумрукӣ гузаронида мешавад, ки тибқи талаботи моддаи 403 Кодекси гумрук, инчунин дар маҳали ҷойгиршавии шахсони мансабдори мақомоти гумрук вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон, дар маҳали ҷойгиршавии мол, воситаҳои нақлиёт ва ҳуҷҷатҳои фарогири маълумот дар бораи онҳо, аз ҷумла ба шакли электронӣ, гузаронида мешавад.

Номгӯю мундариҷаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки тартиби омодасозӣ ва гузаронидани назорати гумрукӣ ва арзёбии истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукиро танзим мекунанд, мақомоти гумрук ҳамеша вобаста ба талаботи ташкилӣ, технологӣ ва иқтисодӣ нав мекунад.

Масалан, дар фармоиши Хадамоти гумрук таҳти № 384 аз 12 сентябри соли 2007 «Дар бораи тасдиқ кардани дастурамали истифодаи техникии воситаҳои техникӣ», фармоиши Хадамоти гумрук аз 17 ноябри соли 2008 таҳти № 645 «Дар бораи тасдиқ кардани Нишондоди методӣ оид ба ташкилу гузаронидани санҷиши ҳолати техникӣ ва истифодаи воситаҳои техникӣ» тартиби ташкил, тафтиш ва идоракунии истифодаи воситаҳои техникӣ, дар фармоиши № 238 аз 24 апрели соли 2011 «Дар бораи тасдиқ кардани Дастурамали муваққатии амалҳои шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми

истифодаи системаи идораи таваккал» қоидаҳои асосии системаи идораи таваккал ва шартҳои татбиқи он муқаррар карда шудаанд.

**Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки** заминаи қонунгузории фаъолияти гумрукиро санадҳои байналмилалӣ, Кодекси гумрук, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои мақомоти гумрук ташкил медиҳанд.

Самтҳои асосии фаъолияти гумрукӣ (танзими гумрукӣ; фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо истифода аз воситаҳои техникии назорати гумрукӣ; вазифаи фискалӣ; хизматрасонии давлатӣ ва иҷрои амалҳои назоратӣ; мусоидат ба равандҳои ҳамгироӣ ва ҳамкории байналмилалӣ) дар асоси приниспҳои қонуният, ошкорбаёнӣ, илмӣ, ахлоқ ва баробарии ҳама дар назди қонун, риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, эҳтироми урфу одатҳои миллӣ ва динии онҳо сохта шудааст.

Назорати гумрукии самаранок танҳо дар сурати иҷрои мақсадноки тамоми тадбирҳои таъмини назорати гумрукӣ, аз ҷумла тадбирҳои меъёрии ҳуқуқӣ имконпазир аст, ки мувофиқи он нақши асосиро меъёрҳои системаи идораи таваккал мебозанд, ки шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар фаъолияти худ асос мекунанд.

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конвенсияи байналмилалии содагардонӣ ва ҳамоҳангии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото аз 18.05. 1973 (таҳрир аз 030.02. 2006).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31октябри соли 2008 таҳти № 525 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».

3. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: КВД «Матбаа» - и ХГ ҲҶТ, 2015. – 437саҳ.

**Адабиёт**

1. Мираков Қ. М., Муминов А.Б., Шомудинов О.Д. Назария ва амалияи фаъолияти гумрукӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Матбааи “Баҳманрӯд”, 2020. – 470 с.

2. Нидоев П.Ф.., Орипов А.С.., Шоҳназари Х.Ғ. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт (Васоити таълимӣ-методӣ) - Душанбе: «Ирфон», 2012. - 200 с.

3. Раҷабов Р.К., Ҳикматов С.И., Ҷабборов А.И., Раҷабова Н.Р. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт. Дастури таълимӣ. –Душанбе: Матбааи «Сармад-Компания», 2018. – 230 саҳ.

4. Ҳасанов К. Ҳ., Мираков Қ. М. Мақомоти гумрук-гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар асри XXI. Душанбе: Нашриёти «Саданвора», 2008. – 288 саҳ.

## НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Маҳмадов Э.А.** – ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

Дар ин мақола оид ба мавзӯи “Назорати гумрукӣ ва масъалаҳои такмили он дар Тоҷикистон” маълумоти мухтасар оиди назорати гумрукӣ, мафҳум, шакл ва намудҳои он, инчунин тарзи амалигардонии он тибқи тартиби қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** назорат, назорати гумрукӣ, гумрук, мақомоти гумрук, минтақаи назорати гумрукӣ, паём.

## ТАМОЖЕННЫЙ КОНТРОЛЬ И ПРОБЛЕМЫ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Махмадов Э.А.** – ассистент кафедры таможенного дела Таджикский государственный финансово - экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

В данной статье по теме «Таможенный контроль и проблемы его совершенствования в Таджикистане» содержит краткую информацию о таможенном контроле, его значении, форме и видах, а также его осуществлении в соответствии с таможенным законодательством Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** контроль, таможенный контроль, таможня, таможенный орган, зона таможенного контроля, вестник.

## CUSTOMS CONTROL AND PROBLEMS OF ITS IMPROVEMENT IN TAJIKISTAN

**Mahmadov E.A.** – assistant of the department of customs affairs of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

In this article on the topic "Customs control and problems of its improvement in Tajikistan" contains brief information about customs control, its meaning, form and types, as well as its implementation in accordance with the customs legislation of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** control, customs control, customs, customs authority, customs control zone, bulletin.

Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини самаранокии фаъолияти шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, мансабдор ва дар маҷмуъ тамоми сохторҳои мақоми давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар алоқамандӣ ба он дар бахши фаъолияти гумрукӣ, махсусан гузаронидани назорати гумрукӣ шартан муҳим دониста шуда, он ҳамчун асоси фаъолияти самараноки мақомоти гумрук ба ҳисоб меравад. Чуноне ки аз уҳдадориҳои фискалӣ ва протексионии мақомоти гумрук бар меояд, нақши гумрук дар пурранамоии буҷети давлатӣ ва амнияти иқтисодии давлат нақши муҳимро иҷро менамояд. Амалигардии комил ва мақсадноки уҳдадориҳои зикргардида бошад дар мақомоти гумрук бо бароҳмонӣ ва гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ имконпазир мебошад.

Мувофиқи моддаи 10 - уми Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон "Назорати гумрукӣ - маҷмӯи тадбирҳо, аз ҷумла дар асоси арзёбӣ ва идоракунии таваккале, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)". Чуноне ки аз таъриф бар меояд, назорати гумрукӣ маҷмӯи чорабиниҳое мебошад, кӣ барои баҳодиҳӣ, идоранамоӣ ва пешгирии имконияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ нисбати қонунгузории гумрукии Тоҷикистон ҷойдошта мебошад.

Назорати гумрукӣ дар минтақаҳои алоҳида ё муайяни назоратӣ гузаронида шуда, мувофиқи моддаи 403 -юми Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби ташкил ва аломатгузории минтақаҳои назорати гумрукӣ, инчунин талабот ба онҳо, ба истисноИ ташкили минтақаи назорати гумрукӣ қад - қади сарҳади гумрукӣ, аз тарафи мақоми салоҳиятдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад. Минтақаҳои назорати гумрукии қад - қади сарҳади гумрукӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд”. Чуноне ки қайд карда шуд назорати гумрукӣ дар ҷойҳои махсус гузаронида шуда, тартиби ташкил, аломатгузорӣ ва ҷойгиршавии он аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрукӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар фаъолияти мақомоти гумрук назорати гумрукӣ ба ҷорӣ ва минбаъда ҷудо мешавад. Назорати ҷорӣ ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар вақти муайяншудаи амалиётҳо оиди барасмиятдарории ҷорӣ амалӣ карда мешавад.

Назорати минбаъдаи гумрукӣ бошад, ин навъи назорате мебошад, ки барои бозсанҷии маълумотҳо оиди мол ва воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарор дошта буда, метавонад аз ҷониби мақомоти гумрук дар давоми як соли баъд аз ҳолати таҳти назорати гумрукӣ қарор доштанро гум кардани молҳо амалӣ гардад.

Мувофиқи моддаи 407-уми Кодекси Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шаклҳои назорати гумрукӣ мавҷуд мебошад:

1) тафтиши ҳуҷҷату маълумот;

2) пурсиши шифоҳӣ;

3) гирифтани тавзеҳот;

4) мушоҳидаи гумрукӣ;

5) азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

6) муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

7) муоинаи шахс;

8) тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, мавҷудияти воситаҳои ҳаммонандсозӣ;

9) азназаргузаронидани бино ва ҳудуди он;

10) санҷиши гумрукӣ.

Бо самаранок гузаронидани шаклҳои назорати гумрукӣ ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳо, қочоқи мол ва воситаҳои нақлиёт ва номувофиқатӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ нисбат ба қонунгузории гумрукӣ Тоҷикистон муайян карда шуда, амнияти иқтисодии кишвар таъмин мегардад.

Ҳол он, ки дар ҳама соҳаҳо бомаром рақамикунонии иқтисодиёт ҷорӣ шуда истодааст, дар фаъолияти мақомоти гумрук низ рақаминамоии хизматрасониҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар алоқа ба ин дар Паёми навбатии худ президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 28.12.2024 фармоиш доданд: «Дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд».

Бояд қайд кард, ки барои соддагардонӣ, саҳеҳии барасмиятдарорӣ ва бурдани чораҳои назоратӣ бо фармоиши Хадамоти гумрук аз 19.08.2014с., №189 «Оид ба татбиқи

декларатсиякунонии электронӣ» қабул гардидааст, ки дар самти рақамикунонии фаъоляити мақомоти гумрук нақши муҳим дорад. Инчунин аз 01.10.2024 таҳти №529 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақамикунонии равандҳо дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ» ба имзо расидааст, ки он саҳм дар рақамикунонии фаъолияти мақомоти гумрук дошта, барои ба таври худкор ва аз фосилаи дур таъмин намудани назорати гумрукӣ зарур мебошад.

Назорати гумрукӣ дар баробари дигар манфиатҳо аҳамияти байналмилалӣ ва миллиро низ доро мебошад. Чуноне ки дар қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи назорати содиротӣ оварда шудааст, мақсадҳои асосии назорати содирот аз инҳо иборатанд:

- ҳифзи манфиатҳо ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иҷрои ӯҳдадориҳо ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон оид ба паҳн накардани силоҳи қатли ом ва воситаҳои таҳвили он, инчунин оид ба назорати содироти маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ ва дуҳадафа

- фароҳам овардани шароит барои ҳамгироии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

- муқовимат ба терроризм.

Дар доираи лоиҳаи беҳтар намудани роҳҳои алоқаи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 маркази коркарди маълумоти иловагӣ бо ҷиҳозонидани таҷҳизоти муосири пуриқтидори сервери компютерӣ насб ва мавриди истифода қарор гирифтааст. Маркази коркарди маълумоти тобеи Хадамоти гумрук бо камераҳои назоратӣ, тарозуҳои электронӣ, рентгенҳои назоратии дар маҳалҳои назорати гумрукӣ ҷойгир пайваст буда, самаранокӣ ва сарфаи вақтро дар фаъолияти он таъмин менамояд. Бояд қайд кард, кӣ яке аз усул ва воситаҳои муҳиме, ки равандӣ назорати гумрукиро метезонад, ин истифода аз воситаҳои техникӣ оид ба назорати гумрукӣ мебошад, ки дар ҷумҳурӣ ба таври мунтазам таъминоту бозсозӣ идома дорад.

Барои боз ҳам беҳтар гардонидани назорати гумрукӣ таъмин намудани маҳал ва нуқтаҳои назорати гумрукӣ бо техника ва технологияи назоратӣ, такмили қонунгузории гумрукӣ, рушди касбияти кормандони мақомоти гумрук нақши муҳим ва ҳалкунандаро иҷро менамояд.

**Адабиёт**


1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 03.07.2012с., №846
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» аз 31.12.2014с., таҳти №1168
4. Фармоиши Хадамоти гумрук аз 19.08.2014с., №189-ф «Оид ба татбиқи декларатсиякунонии электронӣ»
5. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”28.12.2024;
6. Сомонаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://gumruk.tj

## МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ


| № | Ном, насаб ва номи падар | Номи мавзуъ | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Исмаилов Ш.М. | Правовые основы формирования «зелёной» экономики в Таджикистане: международный и национальный контекст | 3-11 |
| 2. | Сатторзода Б.А. | Нақши тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ | 11-14 |
| 3. | Хаитов С.П. | Финансово-правовая политика периода зороастризма (особенности налогово-правовых норм) | 14-19 |
| 4. | Табаров Н.А. | Дар бораи баъзе масъалаҳои низоми ҳуқуқ | 19-21 |
| 5. | Муллоев П.Н. | Социально - экономическое значение малого и среднего предпринимательства | 21-25 |
| 6. | Мирзоев С.А.,<br>Эраҷи М.,<br>Авродова Д.Л. | Ҷанбаҳои ҳуқуқии гузаронидани ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25-30 |
| 7. | Дустов С.А. | Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии таносуби шартномаи сармоягузории шарикӣ бо дигар шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя | 30-33 |
| 8. | Юнусов Б.Д. | Рушди захираи инсонӣ дар доираи ҳадафҳои рушди устувор | 33-37 |
| 9. | Эраҷи М., Баротова Г.Н., Муминзода С.М. | Вазъи ҳуқуқии субектони хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 37-42 |
| 10. | Абдуразоқов Х.Р. | Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 42-46 |
| 11. | Давлатов Х.М. | Мавқеи низомҳои гумрукии коркард дар санаотикунонии босуръати кишвар | 46-52 |
| 12. | Абдуҷабборзода С.А. | Ҷанбаҳои ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти гумрук | 52-56 |
| 13. | Абдуллоев М.М. | Истифодаи идораи таваккал дар такмили барасмиятдарории гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ | 56-63 |
| 14. | Абдуллоев М.М., Шомуддинов О.Д. | Понятие контролируемой поставки как оперативно-розыскного мероприятия и его место в системе оперативно - розыскных мероприятий в соответствии с таможенным законодательством Республики Таджикистан | 63-69 |
| 15. | Мираков Қ.М.,<br>Курбонов А.В. | Роҳҳои таъмини амнияти иқтисодии кишвар дар мақомоти гумрук | 70-75 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 16. | Давлатов Ф.Ҳ. | Такмили механизми рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон | 75-80 |
| 17. | Давлатов Ф.С., Мамадбекова Н.А. | Таносуби санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар танзими назорати гумрукӣ | 80-85 |
| 18. | Маҳмадов Э.А. | Назорати гумрукӣ ва масъалаҳои такмили он дар Тоҷикистон | 85-88 |